*Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!*

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.hamsafon.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

13 январи соли 2016, чоршанбе, №2 (1034)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# БАҲРИ ОБОДИИ ТОҶИКИСТОН ДУО КАРДЕМ



**Анҷоми фаризаи Ҳаҷи умра аз сӯи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вақти сафари расмӣ ба Арабистони Саудӣ дар ҷомеа гарм истиқбол шуд. Бисёриҳо бар ин назаранд, ки анҷоми ин маросим ва аз сидқи дил намоз гузоридани Сарвари кишварамон дар дохили Каъба нишона ва гувоҳи муносибати самимона ва арҷгузорӣ ба арзишҳои динӣ аст. Албатта он чӣ дар лаҳзаи ибодат аз дили ҳар муъмин мегузарад, худи ӯ медонаду Худованди бузург. Аммо мардуми Тоҷикистон бовар доранд, ки Пешвои миллат дар он лаҳзаҳои хотирмон ҳам талаби оромию осудагӣ, ободию баракат барои кишвар ва сокинони онро доштанд.**

## "Гулрез" дари худро барои касбомӯзон боз кард



**16** *январи соли равон дар шаҳри Душанбе Анҷумани XIV Иттифоқи журналистони Тоҷикистон баргузор мегардад. Дар Анҷуман аз фаъолияти 5 солаи Иттифоқи журналистон натиҷагирӣ мешавад.*

**Матолиби бештарро метавонед аз сомонаи www.hamsafon.tj мутолиа кунед.**

## ХУШБАХТӢ ВА ХУШУНАТ ДАР ОИЛА



# ВАЗИРИ ФЕДЕРОЛИИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ВА ЭНЕРГЕТИКАИ ПОКИСТОН БА ДУШАНБЕ ОМАД

**Дирӯз дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Вазири федеролии захираҳои об ва энергетикаи Ҷумҳурии Исломии Покистон Хоҷа Муҳаммад Осифро, ки бо ҳайати расмӣ ба Тоҷикистон ташриф овардааст, ба ҳузур пазируфт.**



Дар мулоқот маҷмӯи васеи масоили кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои ҳамкории Тоҷикистону Покистон баррасӣ шуд.

- Мо баояндаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории судманди миёни Тоҷикистону Покистон хушбин ҳастем ва тамоми кӯшишу талоши заруриро барои рушду тавсеаи онҳо ба харҷ медиҳем, - таъкид дошт дар ҷараёни суҳбат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Вазири федеролии захираҳои об ва энергетикаи Ҷумҳурии Исломии Покистон Хоҷа Муҳаммад Осиф низ дар навбати худ изҳор дошт, ки "Дар воқеъ сафари давлатии ба наздикӣ анҷомдодаи Шумо, муҳтарам Ҷаноби Олӣ, ба Ҷумҳурии Исломии Покистон хеле гарму самимӣ ва пурмуҳтаво буд. Зимни он суҳбатҳои судманд анҷом ёфта, доираи васеи масоили дуҷонибаи кишварҳоямон муҳокима шуд ва натиҷаҳои пурбор ба даст омаданд".

Ҷонибҳо беҳтар намудани фаъолияти Гурӯҳи кории муштараки Тоҷикистону Покистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика ва инфрасохторро, ки бо қарори якҷояи роҳбарони ду давлат таъсис дода шудааст, амри зарурӣ донистанд.

Таъкид гардид, ки оғози татбиқи лоиҳаи дорои аҳамияти минтақавӣ - сохтмони хатти интиқоли барқи CASA-1000 нақши басо муҳим дорад ва Тоҷикистон барои густариши ҳамкории зич ва ҷалби сармояи покистонӣ, қабл аз ҳама дар соҳаи инфрасохтор ва гидроэнергетика, ҳамаҷониба омода аст.

Дар ҷараёни суҳбат инчунин масъалаҳои ҳамкорӣ вобаста ба сохтмони роҳҳои мошингарду оҳан ва барқарор сохтани парвозҳои мустақим байни ду кишвар, иштироки ширкатҳои Покистон дар сармоягузории лоиҳаҳои гуногуни энергетикӣ, истихроҷи нафту газ ва канданиҳои фоиданоки Тоҷикистон, ҷалби ширкатҳои Тоҷикистон ба татбиқи лоиҳаҳои мухталиф дар Покистон, ҳамкорӣ дар самти таҳкими иқтидори мудофиавӣ, пурзӯр намудани ҳифзи сарҳадоти мо бо Афғонистон ва мубориза бо терроризм баррасӣ шуд.

Дар охири гуфтушунид Муҳаммад Осиф ба Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон хабар дод, ки "бо дастури Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Навоз Шариф мехоҳам ҳамдардии Ҳукумат ва мардуми Покистонро нисбати заминларзаи шадиди соли гузашта дар Бадахшон рухдода, ки дар натиҷаи он хисороти калон ба вуҷуд омад, расонам ва ҳамчунин кӯмаки башардӯстонаи Покистонро ба маблағи як миллион доллари ИМА пешниҳод намоям".

*www.president.tj*

# БАҲРИ ОБОДИИ ТОҶИКИСТОН ДУО КАРДЕМ

*саҳ. 2*

Рӯзҳои истироҳат дар деҳа бо аёдати чанд бемор, иштирок дар тӯю маъракаҳо гузашт. Дар зимни нишасту хестанҳо ба мавзӯи суҳбату гуфтугӯҳои ҳамдеҳагон ва пайвандон таваҷҷуҳ кардам. Мардум дар баробари суҳбатҳои муқаррарӣ, аз мушкил шудани кори фарзанду пайвандонашон ҳангоми муҳоҷират дар Русия, таъсири буҳрони молӣ, дар ин ҳафта боло рафтани нархи орду дигар маводи хурданӣ дар бозор сухан мекарданд. Як бахши мавзӯи суҳбату баҳси деҳотиён, албатта рӯйдодҳои сиёсии ҷаҳон ҳам буд. Дар зимн аз сафари Президенти кишварамон ба Арабистони Саудӣ, дидору мулоқоти он кас бо мақомоти олирутбаи ин кишвари арабӣ, аҳамияти санадҳои имзошуда барои тавсиаи робитаҳои дуҷониба ёдовар мешуданд. Ба хусус, қисмати дуввуми ин сафар мавриди гуфтугузорҳои аҳли ин нишастҳо буд. Бахтулло Алиев, ки муаллим асту ба унвони дӯстдори таърих шинохта мешавад, бо ҳавсала дар бораи ин боздид ва маросими Ҳаҷи умраро ба ҷо овардани Сарвари давлат гап мезад. Онро барои ҳар кадом тоҷикистонӣ мояи фахр медонист. Ба гуфтаи ӯ, таърихи Ҳаҷ кам ҳолатҳоеро ба ёд дорад, ки раҳбари як кишвар бо тамоми ҳайати ҳамроҳаш вориди Каъба шуда бошад. Аз сӯи дигар, зиёрати Хонаи Худо ва он ҳам дар ҳузури ҳазорон нафар зоирон, ки аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон ҷамъ омадаанд, нишонаи эътибори баланди Пешвои миллати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон ва эҳтироми эшон аз тарафи шоҳи Арабистон аст.

Ӯ гуфт, ки дар гузориши телевизионӣ дар бораи маросими ҳаҷи сардори давлат чизҳое ба намоиш гузошта шуд, ки аксари ҳоҷиёни мо ҳатто вақти сафари ҳаҷ аз дидани он маҳруманд. Бисёриҳо ҳатто ба зиёрати санги баданаи Каъба даст расонда наметавонанд, роҳ ёфтан ба дохили Каъба бошад, як чизи барои зоирон ғайримумкин аст.

Ҳамсуҳбати мо муътақид аст, ки иҷрои ойини Ҳаҷ аз сӯи Президент, ки чандин ҳазор нафар меҳмони дигари хориҷии Хонаи Худо онро тамошо карданд, беҳтару муассиртар аз даҳҳо соат барномаҳои таблиғотӣ дар бораи Тоҷикистон тавассути расонаҳо буд.

Зеро ҳар кадом аз зоироне, ки аз кишварҳои худ омада, ҳангоми зиёрати Каъба маросими Ҳаҷи Президенти Тоҷикистонро бо чашми худ диданд, албатта хотироташонро бо худ бурда, дар кишварҳояшон ҳам нақл мекунанд.

Андешаҳои муаллим, албатта мантиқӣ ва баҷост.

Аммо бардошти бобои Абӯалӣ ҳам, ки дар гузашта солҳои зиёде ронанда шуда кор кардааст, дар ин робита ба назар ҷолиб менамояд. Ин бобо нақл мекард, ки чӣ тавр боҳавас гузориши телевизион дар бораи Ҳаҷро тамошо кард.

Ӯ мегуфт: - Орзуи ҳар мусалмон анҷоми фаризаи Ҳаҷ аст. Аммо бо вуҷуди фароҳам шудани шароит аз сӯи давлат, ҳоло ҳама тавону имкони молии адои онро надоранд. Вақте ки Президентамон вориди Каъба шуданд, ман ҳам дар ҳузури аҳли оила бо дидани ин маросим тасаввур мекардам, ки якҷо бо Пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон ва ҳайати ҳамроҳи ӯ либоси хоси маросими ҳаҷ - эҳромро ба бар карда, бо 7 маротиба давр задан дар гирди хонаи Каъба, тавофи қиблаи мусулмонон маросими умра ё худ зиёрати хонаи рамзии Худоро ба ҷо овардам.

Пас аз тавофи хонаи Каъба дар як паҳлӯи Каъбатуллоҳ 2 ракъат намози нафл хондам.

Бо дидани эҳтироми аҳли Макка ва шаҳрҳои дигари Арабистон, ки вақти сафар ба Раҳбари давлати Тоҷикистон нишон медоданд, дилам лабрези фараҳ ва шодмонӣ гардид…

Аз суҳбатҳо эҳсос мешуд, ки мардум ба ин сафар таваҷҷуҳи хос нишон дода, ҳар яке аз он бардошти худро дорад. Баъзеҳо дар шароити баҳсу кашмакашҳои сиёсӣ дар ҷаҳон, аз ҷумла дар муҳити ҳассос ва талоши бархе аз кишварҳои мусалмон барои тақвияти нуфузи худ, иқдомоти Раҳбари Тоҷикистонро ҷиҳати ҳимоят аз ҳувияту ҷойгоҳи миллат ва кишвармон як амри муҳим медонанд.

**С.ЮСУФОВ**

# "Гулрез" дари худро барои касбомӯзон боз кард

***Рӯзи 8-уми январи соли равон, дар кӯчаи Шерализодаи ноҳияи Синои пойтахт, боз як маркази омӯзишии дӯзандагӣ, ки бо ташаббуси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва дастгирии молиявии Сафорати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Тоҷикистон бо шароити касбомӯзӣ муҳайё гардидааст, дари худро барои бонувон боз кард.***



Дар маросими баистифодадиҳии Маркази омӯзишии "Гулрез" Раъно Бобоҷониён, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Юе Бин, сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Тоҷикистон ва намояндаи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат доштанд.

Раъно Бобоҷониён, муовини Раиси ҲХДТ, зимни ифтитоҳи Маркази омӯзишии "Гулрез", саравval мухассилини маркази омӯзиширо ба Соли нави мелодӣ табрик гуфта, кушодашавии чунин як марказро самараи ҳамкории ҲХДТ ва Сафорати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Тоҷикистон арзёбӣ намуд ва ба Юе Бин, сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Тоҷикистон барои ҳамкории пайвастаашон бо ҲХДТ изҳори сипос намуд.

"Бисёр хурсандибахш аст, ки дар оғози соли 2016 чунин як маркази омӯзишӣ дарҳояшро барои занону духтарон боз намуда, имкон фароҳам овардааст, ки онҳо ҳунари худро сайқал дода, инчунин даромади иловагӣ пайдо намоянд", - афзуд Раъно Бобоҷониён.

Юе Бин, сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Тоҷикистон аз густариши ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҳизби Коммунистии Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тавсиф намуда, изҳор дошт, ки аз соли 2014 инҷониб ин панҷумин маркази омӯзишии дӯзандагӣ аст, ки бо мусоидати ҷониби кишвари ӯ дар шаҳри Душанбе мавриди истифода қарор мегирад.

Маркази омӯзишии мазкур дорои ду сехи дузандагӣ буда, пурра бо таҷҳизоти чиной муҷаҳҳаз гардидааст ва имкон дорад, ки дар ду баст зиёда аз 60 нафар занону духтарони хонашинро ба касбомӯзӣ фаро гирад. Зимни боздид, масъулини маркази омӯзишии "Гулрез" иброз намуданд, ки занону духтароне, ки дар ин ҷо ба касбомӯзӣ фаро гирифта мешаванд, имкон пайдо мекунанд, ки дар баробари омӯзиш инчунин фармоиш қабул намуда, барои худ маблағ дарёфт намоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин панҷ маркази омузишӣ, ки бо ташаббуси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва сарпарастии Сафорати Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Тоҷикистон фаъолият доранд, зиёда аз 300 нафар занону духтарон ба ҳунаромӯзӣ ҷалб гардидаанд.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

**Нишасти матбуотӣ**

## ТАҲСИЛИ ДИНИИ ҶАВОНОНИ ТОҶИК ДАР ХОРИҶ ТАНЗИМ МЕШАВАД

**Муовини аввали раиси Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими миллии назди Ҳукумати ҶТ гуфт, ки ин ниҳод ҷиҳати ба низом даровардани раванди таҳсили ҷавонон дар хориҷ иқдомоти муассир анҷом додааст.**

Ҷумъахон Ғиёсов, ки рӯзи 12 январ дар нишасте бо хабарнигорон суҳбат мекард, бозгардондани 3006 донишҷӯ аз таҳсилоти ғайрирасмӣ дар муассисаҳои динии хориҷиро бахше аз ин иқдомот донист. Дар ин нишаст, ки ба натиҷаи фаъолияти солонаи ин ниҳод бахшида шуда буд, зикр гардид, ки ҳанӯз ҳам беш аз 200 нафари дигар, ки ба таври ғайрирасмӣ ба кишварҳои хориҷӣ барои таҳсили динӣ рафтаанд, ба омӯзиш дар ин муассисаҳо давом медиҳанд ва кумита барои бозгардондани онҳо низ тадбир меҷӯяд. Дар нишаст ибрози таассуф шуд, ки бархе аз хонаводаҳо ҳанӯз ҳам ҳассосияти ин масъаларо дуруст дарк намекунанд ва фарзандони худро бо роҳҳои гуногун барои гирифтани таълимоти динӣ ба хориҷа мефиристанд. Ба гуфтаи ӯ, айни ҳол 228 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон, ки сокинони шаҳру ноҳияҳои гуногуни кишвар ҳастанд, дар кишварҳои исломӣ машғули таҳсилоти ғайрирасмӣ ҳастанд. Бозгардондани ҷавонон аз таҳсил дар хориҷ дар шароите сурат мегирад, ки ҳоло дар Донишкадаи исломии Тоҷикистон 1966 нафар донишҷӯ дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона машғули омӯзиши улуми исломӣ мебошанд.

Дар ин нишаст мақомоти Кумита инчунин дар бораи вазъияти кор бо иттиҳодияҳои динӣ, фаъолияти донишкада ва гимназияи исломӣ, ташхиси осори динӣ, робитаҳои байналмилалӣ, ташкили ҳаҷ дар соли гузашта, рафти иҷрои Қонун дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, робита бо шаҳрвандон ба хабарнигорон гузориш доданд.

**С. АБДУЛАЗИЗ**

## ҶАВОНОН БА ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ҶАЛБ МЕШАВАНД

**Дар нишасти хабарии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла зикр гардид, ки то ин дам дар мақомоти марказӣ, маҳаллӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот теъдоди хизматчиёни давлатӣ ба 18704 нафар расидааст, ки аз ин шумора 22, 5 фоизро занон ва 43 фоизро ҷавонони то 25-сола ташкил медиҳанд.**

Ин нишондиҳанда гувоҳи он аст, ки теъдоди ҷавонон дар хизмати давлатӣ ба 283 нафар афзудааст. Ҳамчунин, дар бораи афзудани шумораи занон дар ҳайати роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ аз ҷониби раиси агентӣ Ҷумъа Давлатзода таъкид гардид. Кормандони агентӣ дар ин давра ба 91 муроҷиати шаҳрвандон посух дода, масъалаҳои зиёдеро сари вақт баррасӣ ва ҳал намуданд. Тибқи иттилои раиси агентӣ шаҳрвандон бештар ба масъалаҳои қабул ба хизмати давлатӣ, муайян намудани хизмати давлатӣ, барқарор намудан дар мансаб, татбиқи имтиёзҳои хизматчиёни давлатӣ таваҷҷуҳ намудаанд. Ҳамчунин дар ин давра аз ҷониби ин идора 6 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардидааст.

Тибқи иттилои ректори Донишкадаи идоракунии давлатӣ, ки ӯ низ дар ин нишаст ба суолҳои хабарнигорон посух дод, маълум мешавад, ки дар се факултаи ин донишкада нафарони зиёде бо таълим ва азнавтайёркунӣ фаро гирифта шудаанд. Аз гузориши мавсуф бармеояд, ки соли 2015 дар самти фаъолияти илмӣ низ донишкада ба як қатор дастовардҳо ноил гардидааст. Аз ҷумла 6 китобу монография, 12 дастури илмӣ, 25 мақола дар китобу маҷаллаҳои ин муассиса ба табъ расонида шудаанд. Кормандони донишкада дар семинару конфронсҳои байналмилалӣ бо 6 маъруза ширкат варзида, дар дохили кишвар қариб 30 маърӯзаи илмӣ пешниҳоди хизматчиёни давлатӣ гардид.

Таваҷҷуҳи хосаи роҳбарияти Агентии хизмати давлатӣ аз ҷониби хабарнигорон, ба тарзи гузаронидани озмунҳо, мониторинги корҳои иҷрошуда, таснифи хизматчиёни давлатӣ аз рӯи маҳалли зист, ҳамкориҳои ин ниҳоди муҳими давлатӣ бо созмонҳо ва кишварҳои хориҷӣ масоили нафақаи хизматчиёни давлатӣ, захираҳои кадрӣ, кафолатҳо ё имтиёзҳои хизматчиёни давлатӣ бештар ҷалб карда шуд.

Ҳамчунин зикр гардид, ки баъзе роҳбарон бо сӯи истифода аз мансаби ишғолкардаашон ва банди қонунгузорӣ дар бораи нафақаи хизматчиёни давлатӣ, нафаронеро, ки хизматчии давлатӣ нестанд, аз кор ва вазифаҳо озод мекунанд. Аз ташреҳи Ҷумъа Давлатзода бармеояд, ки чунин тарзи муносибат дуруст риоя накардани қонунгузорист.

**Ҳ. АЛИЗОДА**

***НУРИДДИН САИД:***

## МО ТАҶЛИЛИ СОЛИ НАВИ МЕЛОДИРО МАНЪ НАКАРДАЕМ




"Мо таҷлили Соли нави мелодиро дар мактабҳои миёна манъ накардаем, балки буридани дарахтони арчаро манъ кардаем ва ба хотири он ки дар мактабҳо аз волидайни хонандагон маблағ ҷамъоварӣ нашавад, харидани арчаҳои сунъиро манъ кардем".

Ин ҳарфҳо аз забони Нуриддин Саид, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи 11-уми январи соли равон, зимни нишасти матбуотӣ садо дод.

Вазир ҳамчунин дар идома афзуд, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ" шабнишиниҳои дабдабанок, хароҷоти беҳуда ва дар қаҳвахонаю тарабхонаҳо нишастанро манъ карда буд.

"Мо иҷозат дода будем, ки маҳфилҳои фарҳангӣ баргузор шавад, барои баргузор намудани чунин маҳфилҳо касе монеа нашуда буд ва баргузор ҳам гардид. Паҳлуи дигари масъала ин аст, ки иди Соли Нав аслан иди хонаводагӣ аст, на иди корхонаҳо ва аз замони Шӯравӣ ба мо мерос мондааст, ки дар корхонаҳо ташкилиҳои бодабдаба карда, майнӯшӣ кунем. Мо ҳамин корҳоро манъ карда будем, на оростани арчаю таҷлили Соли навиро"- афзуд Н. Саид.

**И. ТОҲИР**

## *ДМТ-ро дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ бояд кард*

Зимни нишасти матбуотӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор гардид, таъкид шуд, ки донишгоҳи мазкур ҳамчун муассисаи таълимии олии кишвар ҳамеша дар пеш бурдан ва баланд бардоштани савияи дониши ҳаматарафаи донишҷӯёну омӯзгорон саҳми калон дорад.

Қайд гардид, ки алҳол дар 114 кафедраи донишгоҳ (107 кафедраи тахассусӣ ва 7 кафедраи умумидонишгоҳӣ) 1245 нафар омӯзгорон, аз ҷумла, 6 нафар академики АИ ҶТ, 10 нафар узви вобастаи АИ ҶТ, 18 нафар доктори илм, 480 нафар номзади илм барои пешбурди фаъолияти таълимию методӣ ҷалб шудаанд ва ҳамчунин 329 нафар омӯзгорон ба ҳайси омӯзгорони ҳамкор ва соатбайъ фаъолият менамоянд. Дар соли 2015 аз 1245 нафар устодону кормандони илмии донишгоҳ 1146 нафар дар иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ширкат варзиданд.



Дар шуъбаи аспирантура ва докторантураи донишгоҳ 385 аспиранти ватанӣ, 27 нафар аспиранти хориҷӣ, 4 нафар унвонҷӯи хориҷӣ, 9 нафар докторант, зиёда аз 240 нафар унвонҷӯ ва 6 нафар ходими калони илмӣ таҳсил доранд. Ҳар сол донишҷӯён ва устодони зиёде аз донишгоҳ барои идома ва такмил додани таҳсил ба хориҷи кишвар, сафарбар мешаванд. Умуман гуфта шуд, ки Донишгоҳи миллӣ нисбат ба дигар донишгоҳ ва донишкадаҳои кишвар дар тайёр кардани кадрҳои болаёқат пешсаф аст. Ректори Донишгоҳи миллӣ академик М.Имомов зимни суханронии хеш қайд кард, ки "Мо кӯшиш бар он дорем, то Донишгоҳи миллиро ҳар чӣ бештар дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ созем".

**Гулҳаёи МАДИМАР**

Минбари халқ
13 январи соли 2016,
№2 (1034)

## КӮЛИ САРЕЗ БЕХАТАР АСТ



Дар нишасти матбуотии Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ дода шуд, ки аз зилзилаи 7,5 баллӣ дар водии Бартанги ВМКБ ба вуқӯъ пайваста, ҳеҷ зараре ба сарбанди кӯли Сарез нарасидааст. Маълум аст, ки вайрон шудани сарбанди ин кӯл метавонад ба аҳолии ҷумҳурӣ ва ҳатто ба сокинони берун аз кишвар ва давлатҳои наздикии баҳри Арал хатари ҷиддиеро пеш орад. Аммо ба гуфтаи Мурод Хол, раиси Саридораи геологияи тоҷик кӯли Сарез метавонад ба заминҷунбии аз ин сахттар низ тобовар бошад. Ҳамчунин қайд гардид, ки оби ин кӯл ҳамчун оби тозаи табиат барои солимии ҷомеа мавқеи муҳимеро ишғол мекунад. Зеро ҷойгиршавии он дар баландӣ буда, соф ва беолоиш боқӣ мондааст. Мувофиқи баъзе далелҳо умри кӯлҳое, ки дар баландкӯҳ ҷойгиранд, ба 1 аср баробар мешавад, вале кӯли Сарез ҳанӯз ҳам побарҷост.

**Гулҳаёи МАДИМАР**

## ҶИНОЯТКОРӢ МИЁНИ НОБОЛИҒОН КОҲИШ ЁФТААСТ

**Давоми 11 моҳи соли 2015 аз ҷонибиноболиғон 632 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2014 85 (11%) ҷиноят кам аст. Дар ин бора рӯзи 11 январи соли равон, зимни нишасти матбуотии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд.**

Ба иттилои манбаъ, давоми соли гузашта дар вилояти Суғд 173 ҷиноят (соли 2014 182 ҷиноят) - 9 ҳолати камшавӣ, вилояти Хатлон 148 ҷиноят (соли 2014 189 ҷиноят) - 41 ҳолати камшавӣ, ВМКБ 8 ҷиноят (соли 2014 22 ҷиноят) - 14 ҳолати камшавӣ, шаҳри Душанбе 160 ҷиноят (соли 2014 161 ҷиноят) - 1 ҳолати камшавӣ, шаҳру ноҳияҳои тобеи пойтахт 142 ҷиноят (соли 2014 142 ҷиноят) ба қайд гирифта шудааст. Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҳама зиёд дар ноҳияи Рашт 22 ҷиноят (соли 2014 17 ҷиноят) 5 ҳолати зиёдшавӣ ба қайд гирифта шудааст.

Тавре дар варақаи матбуотии ин ниҳод дарҷ гардидааст, дар ин давра ноболиғон дар 1 ҳодисаи одамкушӣ, 427 ҳолати дуздӣ, 60 ҳолати авбошӣ, 3 ҳолати таҷовуз ба номус, 4 ҳолати ҳаракатҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонидошта, 5 ҳолати тайёр намудан ва истеъмоли маводи нашъадор, 6 ҳолати қаллобӣ, 11 ҳолати ғоратгарӣ ва ба дигар ҷиноятҳо даст задаанд.

Ба иттилои масъулини Вазорати маориф ва илм, соли 2015 дар ҷумҳурӣ 84 ҳолати ҳодисаи худкушии ноболиғон ба қайд гирифта шудааст. Аз инҳо 48 нафар писар ва 36 нафарашон духтарон мебошад.

**И. ТОҲИР**



# НИЗОВУ ХУШУНАТ БАҲРИ ЧИСТ?

### *Ё ЧАРО ТАҲАММУЛПАЗИРӢ АЗ ХИСЛАТҲОИ БАРГУЗИДАИ МУСУЛМОНОН НЕСТ?*

**Ҳазору чаҳорсад сол қабл Худованди Бузург аз забони расулаш хотам-ул-анбиё, Ҳазрати Муҳаммад(с) муждаи зуҳури динеро бо номи Ислом ва каломеро бо номи Қуръон паём дод, ки чун хуршеди тобон вуҷудашон дунёро мунаввар намуд. Имрӯз тақрибан якуним миллиард одамони сайёра ба ин дини муқаддас пайравӣ намуда, шариати Исломро қонуни зиндагӣ қарор додаанд.**

Дар имтидоди чаҳордаҳ қарн ҳазорҳо ҷилд асарҳои мондагоре интишор гардида, ки бозтоби Қуръони Карим ва аҳодиси зарифи Паямбари муаззаманд.

Ҳазорҳо тан аз машоиху авлиёву уламову удабову зурафо Қуръони муқаддасро сарчашмаи маърифати хеш қарор дода, садсолаҳост, ки осорашон лабташнагони олами маъниро шодоб кардаву хоҳанд кард.

Ислом динест моломоли адолату садоқату рафоқат, динест поку мубарро, софу муҷалло, динест салиму ҳаким раҳиму раҳнамо, динест бо шафқату саодату шарофат, динест шарифу ҳаниф, малеҳу сареҳ...

Бо хости Худо рӯз ба рӯз ин дини башарӣ оламгир мегардад, ки албатта баъзе қудратҳои пасипардагӣ ва душманону бадхоҳону ҳасудони дини моро ором намегузорад. Ин аст, ки тайи даҳсолаи охир аз ҷониби нерӯҳои аҳриманӣ кӯшишҳои бадномсозии ин ойини муқаддас ба назар мерасад. Исломро ҳамчун дини ҷангхоҳу бесубот, ситезаҷӯю таҳаммулнопазир муаррифӣ намуда, ҳатто муродифи истилоҳҳои террору терроризм қаламдод менамоянд. Бо суръати баланд зиёдшавии мусалмонони сайёра, аз байн рафтани институти оила, кам ва пиршавии миллатҳои муқимии кишварҳои ғарбӣ, тайи даҳсолаҳо зери таъсири маданияти ғайр қарор нагирифтан ва маҳв нашудани мусалмонон дар сохту шеваи зиндагии онҳо омили дигари бесаранҷомшавии душманони дини муҳаммадиянд.

Аз дигар сӯ, худи мусалмонони гумроҳу ноогоҳу "зархарид" ба монанди гурӯҳи ба ном Давлати Исломӣ ва роҳбарони ғоявии онҳо ноими мубораки Исломро халалдор менамоянд. Тайи ду-се соли охир он қадар ин гурӯҳ исломи покро бадному нохушоянд намуданд, ки садсолаҳо ягон душмани дину мазҳаби мо чунин муваффақ нашуда буд. Агар даҳсолаҳои қаблӣ Муҳаммад Алию Кустову Майкл Ҷексону даҳҳо нафарони дигари ғайримусалмон ба ислом гаравида бошанд, ду соли охир ягон-ягон аз Ислом рӯгардониҳо аз худ дарак медиҳанд, ки басо зуҳуроти нанговар ва натиҷаи хидмати "хирсона"-и ҳамин гурӯҳҳост. Ҳазорон афсӯсу надомат, ки бархе аз ҷавонони ноогоҳу мутассибони хирасари тоҷик низ ба доми ин гурӯҳ афтодаву Тоҷикистонро ба бадномӣ мекашанд. Кӯрдилон то ҷое бефаҳманд, ки дар муқаддасгоҳҳои мусалмонон-Ироқу Шом, ки қадамҷойҳои асосгузорону бунёдгузорони исломанду ҳазору чаҳорсад сол аст дар ин минтақа садои азон хомӯш нашудааст, ҷиҳод эълон намудаву бо нидои "Аллоҳ Акбар!" хуни ноҳақи ҳазорон мусалмонро рехтаву онҳоро бехонумон намудаву дар ба дару муҳоҷири даргаҳи яхуду насоро месозанд. Худованд ба рӯшанӣ, дар Қуръони Шариф мефармояд, ки инсонеро бегуноҳ куштан тамоми башарро куштан аст. Ҳатто Худованди муттаъол ба паямбаронаш даъват қатлу кушторо нафармудааст ба ҷуз замоне, ки ба ҷону молу пайвандон, ибодатгоҳу зиёратгоҳу амокини муқаддасашон кофар ё душман таҷовуз ва ё хатар эҷод накунад. Гузашта аз ин Оллоҳ ба расулонаш мефармояд, ки вазифаи шумо танҳо одамонро ба роҳи ҳақ даъват кардан асту бас. Роҳбарону идеологҳои даҷҷолбашараи Давлати исломӣ, ки то кунун ягон нафарашон худро қурбон накардаанду намекунанд, оятҳоро таҳриф карда, фатвоҳои бепоя баровардa, ҷавонони гумроҳу чалласаводро бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла гипнозу сеҳру манқурткунонию доруҳои эҳсосбарангез (ҳайвонӣ) ва эҳсоскуш (тарс) амсоли каптагон (амфетамин) ба доми фиреб мекашанд. Воқеан дар Қуръон дар якчанд сура бобати ҷиҳод сухан меравад, вале бештарашон мутааллиқи ҳамон замонанд. Чун исломи ҷавону тоза ва Расули Худо ба тарғибу дастгирӣ ниёз доштанду душманон аз зумраи кофарону мушрикону бединон қасди куштани паямбару маҳви дини ҳақ доштанд, мусалмонон тибқи фармудаи Худо ба ҷиҳоду ғазоват бархоста буданд. Вале имрӯз Ислом дигар ниёз ба пуштибонӣ надорад, ниёз ба хуни инсон рехтанро надорад, зеро пирӯз асту дар тамоми кураи замин муътакидон бе мамонеат фароизи исломро ба ҷо меоранд. Ҳазорҳо донишгоҳу донишкадаву мадрасаву мактабҳои исломӣ дар хидмати мардуманд. Тамоми сол роҳи хонаи Худо- Каъба боз аст. Миллионҳо адад адабиёти динӣ мунташир гардидаву мегарданд. Ҳазорҳо расонаҳои радиотелевизионӣ, рӯзномаву маҷалла ва сомонаҳои интернетии динӣ озодона фаъолият намуда, дини ҳақро тарғиб мекунанд.

Борҳо дар суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зарурати мубориза бар зидди терроризму экстремизм таъкид шудааст, ки дастури амали ҳар фарди солимфикри ҷомеа бояд бошанд. Аз ҷумла, дар Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии кишвар гуфта шуд: "Терроризм ва экстремизм имрӯз ба як хатари бузурги ҷаҳонӣ, табдил ёфта, боиси харобиву куштор ва фирорӣ гардидани одамон шудааст". "Баъзе раванду тамоюлҳое, ки вақтҳои охир мушоҳида мешаванд, аз ҷумла ҳодисаҳои гаравидани баъзе ҷавонони мо ба ҳизбу ҳаракатҳои бегонаи ифротӣ, ҳатто террористӣ, хусусан иштироки онҳо дар амалиёти ҷангии дигар кишварҳо, аз падару модарон, кормандони соҳаи маориф ва, умуман, аҳли ҷомеа ба таври ҷиддӣ хоҳиш мекунам, ки дар самти беҳтар намудани вазъи таълиму тарбияи ҷавонону наврасон дар рӯҳияи инсондӯстиву Ватанпарастӣ ва риояи беҷунучарои қонуниятҳо тартибот чораҳои амалӣ андешанд". Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 70-уми Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид 29 уми сентябри соли 2015 аз афзоиши шумораи низоъҳои мусаллаҳона ва амалиёти террористӣ ва дигар масоили глобалӣ изҳори нигаронӣ карда, ҷомеаи ҷаҳониро ба вокуниши дастаҷамъона ва фарогир даъват намуд. Сардори давлат ҳамчунин аз миқёс ва хусусияти ҷаҳонӣ доштани таҳдидҳое, ки онҳоро терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккил ба миён меоранд, изҳори нигаронӣ карда, мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва ифротгароиро вазифаи дараҷаи аввал номид.

Душмани дигари ашадии Ислом ин тафриқаандозони уммати Расул ба шиъаву суннӣ ва даҳҳо ҳаракату ҷараёну гурӯҳҳои тундрав мебошад. Агар як номи Худо бахшоянда бошад, пас чаро бандаҳои мусалмонаш дар симои суннию шиъа беш аз ҳазор сол аст (аз замони мухолифати ҷонибдорони халифаҳо Усмон ва Алӣ) ҳамдигарбахшию таҳаммулпазирӣ намекунанд?! Оё фаромӯш намудем, ки шиори асосии Ислом ҳамон ояти машҳури карима аст: "Муъмин бародари муъмин аст". Дил мехоҳад садо даркашад: -Эй мусалмонон! Агар Худо яктост, Муҳаммад (с) яктост, Қуръон яктост, Каъба яктост, пас чиро бояд тақсим карду чаро низоъу хушунат кард???!!!



**Абдуқодири АБДУҚАҲҲОР,**
*директори Китобхонаи шаҳрии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ*

**Хабари гӯшношуниде аз амали нангини як узви ДИИШ дар расонаҳои серхонандатарини ҷаҳонӣ паҳн гардид, ки боварнакарданист. Писари бистсола модари чилсолаи худро дар ҳузури садҳо нафар тамошобин ваҳшиёна ба қатл расонд. Ин ҳодиса дар "пойтахти" хунхортарин давлати қарни навин - Ракка рух дод. Силоҳбадасте бо номи Алӣ Сакр-ал Қосим аз насиҳатҳои модараш дар мавриди тарки сафи ҷангиёни ДИИШ ба ғазаб омада, дар ин бора ба қумандонаш хабар дод.**

# «Давлати исломӣ»

## фарзандонро модаркуш мекунад

**САРВАРОНИ** ба ном "Давлати исломӣ" ба қароре омаданд, ки ин модар бояд кушта шавад, то ки дигарон ибрат гиранду фарзандонашонро ба чунин роҳ ҳидоят накунанд. Аммо онҳо дар ин маврид боз як қарори мудҳиши дигар қабул намуданд: модарро бояд фарзанди худаш кушад. Инак, дар маърази ом, дар ҷои кори худ модаре, ки ин фарзанди нохалафро ба дунё оварда буд, аз дасти ӯ тарки дунё кард. Чунин фоҷеаи мудҳиш бори дигар симои "исломии" "Давлати исломӣ"-ро нишон дод...

Дар дини мубини Ислом натанҳо даст бардоштан ба сари волидон, балки ба тарафи онҳо нигоҳи каҷ андохтан гуноҳ аст. Ягона нафароне, ки метавонанд намози шахси намозхонро буранд, ин волидонанд. Беҳуда Паёмбари мусулмонон (с) нагуфта буданд, ки "биҳишт зери қудуми модарон аст". Дар "Давлати исломӣ" бошад, онеро, ки парстишаш касро ба биҳишт мебарад, бо дасти фарзандаш куштанд. Яъне ба биҳишт дастдарозӣ намуданд.

- Ин гуноҳро ҳаргиз Худованд ба ягон бандааш намебахшад. Хоса ба онҳое, ки чунин фармон додаанду ба фарзанде, ки чунин амрро иҷро кардааст, - мегӯяд имомхатиби масҷиди гузари Чаноро 2-и шаҳри Душанбе Азизбек Асламов. - Баъд аз Худою паёмбар ягона касе, ки мавриди эҳтиром бояд қарор гирад, ин онҳоеанд, ки моро ба дунё овардаанд. Наъузамбиллоҳ, аз шунидани ин хабар ҳатто гӯш гунаҳгор мешавад...

Албатта, дар бораи ҷиноятҳои нав ба нави ин ба ном "давлат" мо ҳар рӯз аз расонаҳо огоҳ мешавем. Аммо боз ҳам нафароне ҳастанд, ки аз ҷоҳилӣ, аз бедонишии динию дунявӣ фирефтаи шиорҳои авомфиребонаи онҳо ва ҳаммаслаконашон дар ҳар гӯшаи дунё мешаванд. Бо ҳар роҳу восита барои "хизмат ба Ислом" ба Сурияю Ироқ рафта, ба ин гурӯҳи ҷинояткор ҳамроҳ мешаванду беҳуда аз ҷони ҷавони худ маҳрум мешаванд. Ҳол он ки ҷиноятҳои онҳо худ гувоҳанд, ки ин гурӯҳ ба ислом на хизмат, балки туҳмат мекунанд ва гуфтаҳои олимону фақеҳони ин дини покро ба шакли дигар ва ба манфиати худ тавзеҳу таҳриф менамоянд. Мутаассифона, фиребхӯрдагон аз кишварҳои собиқи Шӯравӣ ва кишвари мо ҳам буданд. Аммо ҳайратовараш ин ҷо чизи дигар аст. Чаро мо, мардуме, ки аллакай як бор чунин фоҷеаҳоро аз сар гузаронида будем, боз дубора ба ин чоҳ меафтем? Бубинед, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар дохили кишвари мо писар ба муқобили падар ва бародар зидди бародар силоҳ бардошта буданд. Раҳми Худованд омад ва ба мо сарваре фиристод, ки садди роҳи ин хунрезиҳои миллаткуш гардид. Аммо дар солҳои истиқлолият низ хокистари ин ҷанг то дергоҳ дуд мекард ва натиҷаи ин воқеаҳои хунини имсола, ки таҳти роҳбарии "ҳимоягарони ислом" сурат гирифт,



буданд. Аммо онҳо зуд сари хеш ба бод доданд ва сокинони кишвар дубора нафаси сабук кашиданд. Ин ҳаводис маънои онро дорад, ки мардум набояд ҳушёриро аз даст диҳанд. Зеро онҳое, ки бо идеяҳои "модаркушӣ" мусаллаҳанд, ҳанӯз кам нестанд. Ин тоифаро кӣ ва барои чӣ таҳрик медиҳад ва чаро ҳадафи онҳо маҳз мардуми диндор қарор мегиранд? Ба қисмати аввали ин савол танҳо як ҷавоб аст: барои мансаб! Яъне бо истифода аз хурофот ва ҷаҳолати мардуми камсавод онҳоро барои пиёда намудани ғаразҳои сиёсии худ истифода мебаранд. Ғаразҳое, ки агар рӯи об биёянд, натиҷаашро мо аллакай дар кишварҳои арабӣ дида истодаем. Ба қисмати дуюми ин савол кайҳо олимону диншиносон ва мутахассисони рӯҳшинос ҷавоб гуфтаанд. Гурӯҳҳои ҷинояткору норозӣ барои он мехоҳанд аз онҳое, ки намозхонанду ба гуфтаҳои Паёмбари ислом пайравӣ мекунанд, истифода баранд, ки ин мардум ба ҳар чизе, ки нисбати дини Ислом ва Паёмбари ӯ (с) гуфта мешавад, хеле ҳассосанд ва ҳаргиз таҳвинро нисбати дини худ таҳаммул надоранд. Муғризон бошанд, аз ин сӯистифода мекунанд. Албатта, дар ҳаҷми як мақолаи хурд шарҳ додану ба риштаи таҳлил кашидани сабабҳои таҳаммулнопазирӣ ғайриимкон аст ва ин кори равоншиносону мутахассисони илмҳои одамшиносист, вале ба андешаи мо ин ҷо се омили муайянкунандае ҳаст, ки фарзандро душмани қаттоли модари худ гардонидааст. Аввал таассуби ноҷо ва бепоя, дуюм ҷаҳолати беандоза ва сеюм хурофот. Ин се омил сабаб мегардад, ки инсон аз худ бехуд шавад, Худорову худро фаромӯш кунад ва мисли ҳайвон амал намояд (узр, нисбати ҳайвон туҳмат шуд).

Аммо дар байни ҳайвонҳо ҳам аз чунин инсонҳо беҳтараш ҳаст. Зиёда аз як моҳ аст, ки дар як боғи ҳайвоноти Русия бузи зиндаеро барои хӯрдан ба назди паланг партофтанд. Аммо паланг ӯро то ҳол нахӯрдааст ва онҳо дӯстона дар як қафас зиндагӣ мекунанд. Аммо ҳашароте ҳаст, ки мисли Алӣ Сакр модари худро мехӯрад ва он каждум ё ба истилоҳи дигар ақраб ном дорад. Каждуми мода баъд аз он, ки бо наринааш пайваст, ӯро мекушад. Минбаъд фарзандони ӯ шиками худи модарро хӯрда, ба дунё меоянд. Аммо модари "диш"-ӣ танҳо ба фарзандаш насиҳат кард, ки сафи ин одамкушонро тарк кунаду ҷонашро барҳадар надиҳад. Мисли он ки дар шеъри Эраҷ Мирзо омадааст, ӯ танҳо ғами фарзандашро хӯрд, вале қалбашро писари нохалаф канда ба маъшуқааш бурд (ин ҷо "маъшуқаи" ин ҷавони нохалаф ДИИШ буд, ки дар вақти зери фармонаш будани шаҳри Ракка аллака зиёда аз 2000 шаҳрвандони мулкӣ бо амри ин "маъшуқа" кушта шуданд).

Ҳоло зидди амалҳои давлати ба ном "исломӣ", ки аз Ислом бӯе набурдааст, мардуми сайёра мубориза мебаранд. Зеро ин "давлат" сабабгори дарбадарии миллионҳо мардуми осоишта гардид, ҳазорон нафар кушта шуданд ва даҳҳо ёдгориҳои таърихии ҳазорсола хароб гардиданд. Гӯё аждаҳое ҳамаро ба коми худ мекашад. Аммо ҳарчанд ба марги ин аждаҳо шакке нест, вале тавре бояд кард, ки қадами он ба кишвар наздик нашавад. Барои ин бояд аз се чизе, ки дар боло номбар кардем, орӣ бояд буд...

**А.АҲМАДЗОДА**

# ҚАТЛИ МОДАР *АМАЛИ ҒАЙРИИНСОНӢ АСТ*

**Раиси Шӯрои уламои Маркази исломии Тоҷикистон қатли модар аз сӯи фарзанд дар Сурияро амали нангин ва бадхоҳона нисбат ба Ислом дониста онро маҳкум кард.**

Саидмукаррам Абдуқодирзода дар посух ба саволи хабарнигори "МХ" дар ин робита гуфт: - Ин як амали ғайриисломӣ ва ғайриинсонӣ буд, ки ба ҳадафи бадном кардани Ислом ва мусалмонон сурат гирифтааст.

Ин мақоми динии кишварамон инчунин таъкид кард: - Инсони солим ҳеҷ гоҳ ба чунин коре нафақат даст намезанад, балки андешаи чунин амалро ба мағзи худ ҷой намедиҳад.

Ба гуфтаи ӯ, ҷавоне, ки ин ҷиноятро содир кард, эҳтимолан гирифтори бемории равонӣ аст, вагарна нисбати модари худ чунин амалро раво намедид.

Раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон анҷоми намоишкоронаи ин ҷиноятро заиф нишон додани арзишҳои инсонӣ ва ба ин васила латма ворид кардан ба Ислом унвон кард.

Хабарҳо дар бораи ба қатл расондани як зани тақрибан 40 - сола дар шаҳри Раққа, дар шимолу шарқи Сурия ва минтақае, ки таҳти тасаруфи нерӯҳои «Давлати Исломӣ» қарор дорад, рӯзи 8 январ дар воситаҳои ахбори омма паҳн шуданд.

Бар асоси гузоришҳо, модар мехост фарзанди 20 - солааш сафи террористони тобеи Давлати Исломиро тарк карда, ба ҳаёти осоишта баргардад.

Гуфта мешавад, модари ин ҷавони террорист, ки дар созмони ҳифзи ҳуқуқи Сурия кор мекард, пас аз он ки имкони мулоқот бо ӯро пайдо намуд, аз вай хост ҳамроҳаш аз қаламрави таҳти назорати гурӯҳҳои террористон берун равад ва аз узвият дар ДИИШ ҳам хориҷ шавад.

Тибқи гузоришҳо, модар ба фарзанди раҳгуми худ гуфтааст, ки «Худованд афроди ба тахрибу куштор машғул ва бо эътилофи байналмилалӣ муқовиматдоштаро дер ё зуд ҷазо хоҳад дод.»

Аммо фарзандаш, ки Алӣ Сакро ном дорад, дар посух ба ин суханон модарро кофир эълон кард. Фарзанди нохалаф пас аз он ки бо тақозояш саркардаҳои Давлати Исломӣ модарашро ба марг маҳкум намуданд, ӯро бо дастони худ ба қатл расонд. Бисёриҳо дар ҷаҳон пас аз огоҳӣ ёфтан ин амали ваҳшиёнаро маҳкум карданд.

Ихтилофҳои мусаллаҳона



дар Сурия аз соли 2011 оғоз шуда ва бар асоси гузориши созмонҳои байналмилалӣ дар ин муддат беш аз 220 ҳазор нафар дар ин кишвар кушта шудаанд.

**Ю.СОЛЕҲ**

Минбари халқ
13 январи соли 2016,
№2 (1034)

*Имрӯз ҳар тоҷики содиқ ба миллату давлат аз кирдори нодурусти раҳбарони Ҷумҳурии Исломии Эрон дар муносибаташон бо кишвари мо бетафовут буда наметавонад. Бо як эътирози сахт мехоҳам ба ҷанобон Алии Хоманаӣ ва Ҳасан Рӯҳонӣ изҳор кунам, ки шумо аз пушти мазҳабгароии худ ба муносибатҳои қадимии бародаронаи тоҷикону эрониён, ба таърихи муштараки 7000-солаи мо доғи сиёҳ гузоштед. Шумо нишон додед, ки ба Тоҷикистон ҳамчун ба як кишвари соҳибистиқлол, эҳтиром надоред. Арзишҳои давлатдории тоҷиконро ҳеҷ донистед.*

# МУШТАРАКОТИ ТАЪРИХИРО ҲИФЗ КУНЕМ



Имрӯз ҳар тоҷики содиқ ба миллату давлат аз нофаҳмие, ки дар муносибати Тоҷикистону Эрон ба вуқӯъ пайваст, бетафовут буда наметавонад. Дар замири ман низ эътирози сахте аланга мезанад, ки чаро бародарони эронии мо ба хотири ҳизбу мазҳаб ба муносибатҳои қадимии бародаронаи тоҷикону эрониён, ба таърихи муштараки 7000-солаи мо латма ворид месозанд. Охир ин амал, яъне даъвати ҷаноби Кабирӣ ба ҶИ Эрон, ки дар кишвари мо барои замина гузоштан ба амалҳои террористӣ маҳкум шудааст беэҳтиромӣ нисбат ба кишвари соҳибистиқлоли мо нест?

Ман ин сатрҳои пур аз гиларо барои он менависам, ки мутаассифона раҳбарони Ҷумҳурии Исломии Эрон, бидуни камтарин эҳтиром ба давлати тоҷикон, шахси ба оромиву осудагии ватани мо халаловар, хиёнаткоре, ки генерали артиши Тоҷикистонро барои ташкил кардани кудато ва боиси хунрезии тоҷикон гашта, раҳбари ҳизби ба террористӣ гунаҳкор - Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон Муҳиддин Кабириро, ба расмият ба конфронси "Ваҳдати исломӣ" даъват намуда, барои суҳбат қабул карданд. Мехоҳам ин суолро бидиҳам, ки пас аз ин иқдоми шумо бармеояд, ҳар он ки бар зидди оромии мардуми осоиштаи тоҷик силоҳ тайёр кардааст, метавонад ҳамсуҳбати шумо бошад ва шумо хайрхоҳаш бошед?!

Мо аз тариқи расонаҳои хабарии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар иттилоъ дорем, ки рӯзи 4 сентябри соли 2015 Кабирӣ аз Туркия ба писараш Руҳуллоҳ телефонӣ амр мекунад, ки 800 ҳазор доллари дар сандуқ бударо гирифта, аз дасти як ҳаммароми ӯ 400 ҳазор доллари дигар гирифта, ба дасти ҳоҷӣ Ҳалим Назарзода бисупорад. Сабти ин гуфтугӯ низ пахш гардида буд. Рӯзи дигар Ҳалим Назарзодаи хоин бо гурӯҳи омодагирифтаи яроқдор, бо истифода аз мансаби баланди худ ба анбори лавозимоти ҷангӣ ворид шуда, силоҳҳои оташнишони зиёдеро мерабоянд. Дар дигар гӯшаву канорҳои кишвар сарварон ва фаъолони ҲНИТ бо силоҳ дар ҳолати омодабош қарор доштанд. Хушбахтона, мағзи сари маҳдуди ифротгароёни муттаасиб маҳдуд аст ва аксаран имкониятҳои нерӯҳои дар муқобилашон қарор доштаро нодида мегиранд, зеро ки ғубори таассуб чашмонашонро хира кардааст.

Мо имрӯз оҳанги солҳои 90- уми асри гузаштаро эҳсос мекунем ва дар номи ҲНИТ, ки калимаи "наҳзат" ҷойи намоён дорад, мефаҳмем, ки исломисозони асри 21 мехоҳанд тарзи зиндагии арабҳои 1400 сол пешро, ки шири шутур онҳоро ба воя расондааст ва қоидаи зиндагиашон асримиёнагӣ мебошад, эҳё кунанд. Идеологияи тоталитариро, ки андешаи ғайрро бӯғӣ мекунад, ҷорӣ кунанд. Ба мо маълум аст, ки сабаби асосии ҷанги худкушии тоҷикон ин муборизаи беамони ду идеологияи тоталитарӣ - идеологияи коммунистӣ бо исломи сиёсӣ буд. Исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон нишон дод, ки то агар қавонини асримиёнагии шариат ҷорӣ нашавад, яъне дар сари кӯчаву хиёбонҳо сар буридану ба дор овехтани дигарандешон меъёри давлатдорӣ нагардад, дастгоҳҳои сиёсии динӣ ҳатто бо ҳаммиллатони худ созиш нахоҳанд кард. Мо инро дар таърихи 25- солаи муносибатҳои ифротиёну ҷонибдорони давлати дунявӣ пай бурдем. Бо чашми худ дидем, ки 30% мансабҳои давлативу низомӣ ба уҳдаи мухолифини давлати Тоҷикистон, ки ҳама узви ҲНИТ буданд, гузошта шуд. Аммо онҳо чи хеле ки дидем, ба мисли Ҳалим Назарзода ва пеш аз ӯ дигаронашон тоқати сохтори давлати дунявиро надоштанд. Мо дар бораи оҳангҳои нохуши солҳои 90 -уми асри гузашта сухан гуфта, ба хотир овардаем, ки баъзан оҳангҳои нохуше дар он солҳо аз самти баъзе кишварҳои ҳамдину ҳамзабони мо низ мерасид. Яъне наҳзатиҳо он солҳо балегӯёни худро дар кишварҳои мусалмонӣ ҳам доштанд ва аҷибаш он аст, ки дар Америкаву Европа низ. Онҳо барои пурра несту нобуд кардани режими коммунистӣ, тайёр буданд новобаста ба мазҳабу миллату забон, бо ҳам «ошиқу маъшуқ» гарданд.

Кӣ гуфта метавонад, ки дар кадом кишвари режими ҳукмфармои Исломӣ одамон хушбахтона машғули кору зиндагӣ мебошанд? Магар дар Ҷумҳурии Исломии Покистон? Ё Ҷумҳурии исломии Афғонистон? Дар ин ҷумҳуриҳо ҳар рӯз даҳҳо одамони бегуноҳ аз дасти террористон кушта мешаванд. Дар ин кишварҳо яке омода аст гулӯи дигареро бидарронад, то исбот кунад, ки ӯ «мусалмони ҳақиқӣ» аст, на ту. Мо тоҷикон ҳеҷ вақт намехоҳем ҳаёти осудаи худро ба кишвари ришдарозони салладори калашников дар даст иваз кунем.

Аз ин хотир, агар ифротгароёни мазҳабӣ ҷайбҳои Кабирӣ барин хоинони миллатро пур аз тиллову доллар кунанд, аз дандонҳояш шамшер бисозанду дар тайёраҳои бомбафкан ҳам савораш кунанд, мардуми тоҷик намегузорад, ки сояаш дар сарзамини муқаддаси мо пайдо шавад. Ва дониста монед, ки Кабирӣ ба шумо ҷанобон пайваста ҳисоботи дурӯғ медод, ки сафи аъзои ҳизби исломиаш рӯз ба рӯз меафзояд. Дар асл 400 - 500 нафар тоҷикони зархариди маошхӯрро намоиш медоданд, ки бо ҳар кадоме аз инҳо гӯё ҳазорони дигар ҳамсафанд.

Боди ғуборолуду бадбӯи солҳои навадуми асри гузашта дар Тоҷикистони мо дар муборизаи ифротгароёни муосир барои ришмонӣ, сатрпӯшонидани занон бо шеваи кишварҳои Арабистони Саъудӣ ва Эрон, дар муътабар донистани каллаварамҳое, ки тамоми хазинаи донишашон иборат аз 10 -20 ояти Қуръон бештар намебошад, дар ҷорзаниҳои доимии хурофотпарастон, ки "ислом хор шуд", дар сохтмони масоҷид дар сари ҳар кӯчаву паскӯча, мудохила кардан ба ҳар соҳаи зиндагонии мардумон, тарзи давлатдорӣ ва мисли он амалҳои ҷудоиандози ҷомеаи тоҷикон намудор аст.

Кабирӣ ва хоҷагони хориҷии ӯ фикр мекунанд, ки аз солҳои хунини 1992 - 1995 Тоҷикистон бештар аз 20 сол гузаштааст ва дар ин муддат насли нави тоҷикон ба воя расидаанд, ки метавонанд бидуни тааммул ба даъвати онҳо ҷавоб дода, ба даст аслиҳа гиранд. Бехирадии Кабирӣ ва ҷаҳолати ифротгароёни мазҳабӣ дар он аст, ки ҷавонони тоҷикро наомӯхтаанд. Суханбофии чанд иншогарони ҷавони фейсбукиро мисол оварда, якеро сад нишон медиҳанд. Хандаовару аблаҳӣ мебошад, ки Кабирӣ ҳамроҳ бо тарафдорони ҳизбаш Ҳукумати Тоҷикистонро дар воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳон маломату сарзаниш карда, ба бӯғӣ кардани демократия ва дигар арзишҳои давлатҳои демократӣ айбдор карданӣ мешаванд, вале аз мақсади худашон гап задан намехоҳанд. Бубинед он демократҳои исломии фиребгарро, ки гуфтанианд: "Шумо ҳукуматдорони Тоҷикистон моро бигзоред, ки дар кишвар инқилоб карда, 600 - 700 ҳазор мухолифони режими исломиро ба қатл расонем, 600 - 700 ҳазори дигарро дар кишварҳои бегона гурезаву паноҳанда кунем, миқдори дигареро дар зиндонҳо бишнонем ва шариатро ҷорӣ карда, демократияро дар ҷаҳон эълон кунем".

Чӣ хеле дар боло гуфта шуд, ҳолатҳое мешаванд монанд ба ҳамкории даррандагон дар бешазор; барои аз по афтондани қурбонии худ дар бисёре аз мавридҳо даррандагони бо ҳам душман ба якдигар кӯмак мерасонанд, вале пас аз ғалтонидани қурбонӣ даррандагон ба ҳамдигар дармеафтанд. Ҳамон тавре ки Амрико ва Фаронсаву Иттиҳоди Шӯравӣ барои аз тахт афтондани шоҳи Эрон ҳамкор буданд, вале пас аз ғалаба ба якдигар душмании худро намоён сохтанд. Ҳоло Амрико дар қаламрави кишварҳои арабӣ ДИИШ бунёд кардааст ва шарикони ӯ Туркия ва Саъудӣ дар зоҳир бо ДИИШ меҷанганд ва касе дар хотир дошта бошад, се - чор сол пеш ташкилоти байналмилалии САҲА ҳам худро ҳомии исломисозии ҷаҳон тарошида, ҳизби Кабириро ҳимоя кард ва ҳай оби чашм рехт, ки ҳуқуқҳои ин ҳизби бечораи диниро поймол мекунанд. Пас аз фирор Кабирӣ дар Туркия паноҳандагӣ ҷуста, ба конференсияи Теҳрон, бо номи "Ваҳдати исломӣ", аз он ҷо омад. Гоҳо чунин ба назар мерасад, ки дар байни Кабирӣ ва рӯҳониёни маъруфи олами шарқ, ки бо маслиҳаташон кишварҳои машриқзаминро ба коми оташ кашидаанд ва ё созмонҳое мисли САҲА ҳатман кадом ҳамфикрие вуҷуд дорад. Ё ҳамаи онҳо демократмаоби ашаддӣ мебошанд, ё институти нави давлатдорӣ месозанд -демократияи исломӣ. Масалан, кишвари Афғонистонро дар он сурат мешавад Ҷумҳурии Демократии Исломии Афғонистон ном ниҳод.

Мехоҳам дар хотима ба бародарони "ҳамхуну ҳамзабон" бигӯям, ки агарчи аҳвол ин аст, ба ваҳдати исломӣ расидани мусалмонони ҷаҳон амри маҳол аст, аммо аз даст додани тафаккури муштарак ва ягонаандешии форсигӯён дур нест.

**Зафари МИРЗОЁН**

# *ҶАМЪБАСТИ НАВИ БАҲСИ 9 СОЛА*

**Баҳси манзил миёни шаҳрвандони пойтахт Умаралӣ Саидов ва Наботой Расулова, ки чандин сол давом дошт ва он дар саҳифаҳои матбуоти кишвар, аз ҷумла ҳафтаномаи "Минбари халқ" низ инъикос шуд, гумон меравад, ба интиҳо расидааст.**

**Хотирнишон мекунем, ки шаҳрванд Умаралӣ Саидов оид ба баргардонидани манзили истиқоматиаш, воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Афзалӣ, 93 бо шаҳрванд Н. Расулова, ки ҳамзисти бародараш Саидов Имомалӣ будааст, зиёда аз 9 сол боз баҳсҳои судӣ пеш мебарад ва то ин замон аз хулосаҳои мақомоти судӣ қаноатманд набуд. Ва инак, санаи 14 декабри соли 2015 суди шаҳри Душанбе ин қазияро баррасӣ намуда, чунин қарор қабул кард:**

**Даъвои прокурори ноҳияи Шоҳмансури ш.Душанбе нисбати Расулова Навотой Мирзоалиевна оид ба беэътибор донистани ақди никоҳ қонеъ гардонида шуда, ақди никоҳи байни марҳум Саидов Имомалӣ Раҷабович ва номбурда Расулова Н., ки дар шуъбаи САҲШ-и н. Шоҳмансур санаи 13 декабри соли 2003 таҳти № 353 ба қайд гирифта шудааст, беэътибор дониста шуда, шаҳодатномаи мерос низ аз эътибор соқит дониста шавад.**

**Аз суд хоҳиш карда шуд, ки шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун, ки ба шаҳрванд Расулова Навотой 5 августи соли 2009 аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №2 М-188 дода шудааст, беэътибор дониста шавад.**

**Аризаи даъвогии Саидов Умаралӣ Раҷабович нисбати Расулова Н. оид ба беэътибор донистани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун қонеъ карда шавад.**

**Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун вобаста ба амволи меросгузор Саидов Имомалӣ Раҷабович-манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Афзалӣ, хонаи 93, ки санаи 5 августи соли 2009 дар Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Расулова Н. М. ба расмият дароварда шуда, дар феҳраст таҳти №2 М-188 ба қайд гирифта шудааст, беэътибор дониста шавад. Аз болои ҳалнома дар муҳлати 1 моҳ аз рӯзи супоридани ҳалномаи асоснок ба тарафҳо, ба коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ҳамин суд шикояти кассатсионӣ овардан мумкин аст.**

**"МХ"**

# ХУШБАХТӢ ВА ХУШУНАТ ДАР ОИЛА

**"Агар хоҳӣ, ки зан фаришта бошад, пас барояш биҳишт муҳайё бикун"- омадааст дар панди бузургон. Ё ин ки: "Биҳишти мард дар ин дунё оилаи хуб аст"- гуфтани халқ маънои онро дорад, ки дар зиндагии ҳамсарӣ шоду осуда зистан аз муҳимтарин рукнҳои зиндагии одамон аст. Хушбахтӣ дар оила, ин азоб накашида бо ишқу муҳаббат шод зистан асту хушунат ин бо ҷабру зулм ва дили пурғам умр ба сар бурдан.**



**БАХТ** мафҳумест, ки ҳамеша мо онро ба хотири зиндагии хушу гуворо ба одамон таманно мекунем. Инсони хушбахт пеш аз ҳама, ҳанӯз аз замони тифлӣ падару модар дорад, яъне дар оила мезияд. Баъдан волидайн тӯли умри хеш барои хушбахтии фарзандон чӣ корҳое намекунанд, чӣ сарсупурдагиҳое, ки ба ин хотир надоранд. Онҳо аз баҳри чизҳои зиёде мегузаранд, аз бомазатарин луқмае, ки худ нахӯрда ба фарзанд медиҳанд, аз беҳтарин либосе, ки ба хотири фарзанди худ аз он даст кашида, ӯро мепӯшонанд. Аксаран кор то ҳадди аз баҳри саломатии худ баромадану тифлонро парасторӣ кардан ҳам мерасад.

Ин ҳама заҳмати волидон барои хушбахтии на танҳо як фард, як кӯдак, балки нишонаи хушбахтии як оилаест, ки баҳри пойдории он дар оғоз волидон ҷоннисорӣ мекунанду баъдан фарзандон ин қарзро дар пирӣ бояд дар ҳаққи эшон ба ҷо оранд.

Хушбахтӣ он орзуест, ки ҳангоми тӯйи хонадоршавӣ чӣ ба домоду арӯс ва чӣ дар оилае, ки навхонадорон вориди он мегарданд, аз серистифодатарин вожаҳои таманниётист.

Хушбахтӣ барои инсон метавонад ҳар хел ва дар ҳар ҳолате барои ҳар кас ҳаргунае бошад. Вале дар фарҳанги оиладории мо меҳвари он нигаҳдошти хушбахтии оилавист, ки ба ҳар ҷуфте зимни никоҳ ва баъди он ҳарчанд аз забони хурду калон худиву бегона бедареғ чун дуову дуруд эҳдо мегардад. Аммо на ҳар оила хушбахт мегардаду на ҳар шахсе тули умраш аз лаззати бахти хонадорӣ шодоб. Чаро? Сабабҳо гуногунанду бархе аз одамон то ба беохир посухе ба ин суол намеёбанд. Зеро хушбахтиро ҳар кас ҳамон тавре қабул мекунад, ки худ даркаш кардааст.

Агар бигӯем, ки каси хушбахт онест, ки ба висоли дӯстдоштааш мерасад, пас чаро оилаҳои зиёди бо дӯстдорӣ ҳамхонагашта, баъдан онро ба манзили сарду бемеҳрӣ мубаддал мегардонанд ё баъди чанд соле аз ҳам мепошанд? Агар бигӯем, ки бахти оиладорӣ танҳо дар ишқу дӯстдорист, то андозае ин ҳам ҳукми қотеъ буда наметавонад.

Кам нестанд оилаҳое, ки шаҳу арӯс боре ҳамдигарро надидаанд, вале баъдан онҳо то охири умр хушбахт мезиянд. Пас чист меъёри оиладории хушбахтона? Оё онро касе муқаррар карда метавонад? Оё онро касе тарбия мекунад? Ё хушбахтӣ худодод аст?

Баъзан кас ба заковати фитрии як зани бемаълумот қоил мегардад, ки бе ҳеҷ дарсе, худ аз фарҳанги оиладорӣ дар дараҷаи аъло бархӯрдор аст.Ё марди хирадманде на танҳо оилаи хешро ҳамеша дар суруру шодкомӣ нигоҳ медорад, балки намунаи ибрати як маҳалли бузургест.

Аксаран мо фарзандони хешро дар рӯҳияи сабру тоқат ба сангиниҳои рӯзгори хонаводагӣ тарбия мекунему баъдан онҳо умри хешро зери зулми ҳамсар масраф карда аз зиндагӣ лаззате намебинанд. Вале боз ҳам бархе аз чунин оилаҳо худро хушбахт меҳисобанд, ки ақаллан фарзанд доранду онҳоро ба камол расонида, қарзи волидии хешро адо кардаанд. Яъне рисолати модарӣ ё падарии нисбати фарзанд худро иҷро кардаанд, хушбахтии онҳо дар сиҳатмандӣ ва зинда будани фарзандон аст.



Вале чаро баъзан дар муқобили он ҳама бахту тахти хушбахтона ба навхонадорон хостаи хурду бузург мафҳуми антагонистии бадбахтӣ қарор мегираду чанд нафар ё ду нафареро мувоҷеҳи мушкилоти зиёди зиндагӣ гардонида, ҳаёташонро талх мекунад? Баъзеҳо посухи ин суолро аз сарнавишт мекобанду бархе аз фарҳанги оиладорӣ. Азбаски мардуми мо тақдирро тақдирҷунбоне ҳам ҳаст мегӯянд, метавон эътиқод баст, ки доштани фарҳангу маърифати хонадорӣ дар зиндагӣ нақши боризе дорад.

**"Худованд моро аз устухони пойи шумо наофарид, то моро зери по накунед ва низ аз устухони сар наофарид, то болои сари шумо нанишинем. Моро аз қабурғаи шумо офарид, то ҳамеша дар паҳлӯятон бошем. Аз наздики дил офарид, то ҳамеша дӯстамон бидоред",** -гуфтаанд замоне занони хирадманд ба шавҳарон. Ин гуфтаҳои бомантиқ ва ба муросову мадоро раҳнамунсоз воқеан метавонад миёни марду зан созгориву рифоҳро таъмингар бошад, Вале магар ҷинси муқтадир ба унвони мард, ин гуфтаҳои оқилонаро дарк намуда, тӯли асрҳо тоҷи сар кард? Ҳамсарро дар паҳлуи қалби хеш чун як узви муҳими ҳаётӣ эҳсос кард? Ӯро ҳам САР ва ҳам ДИЛ шумурд? Перомуни хушбахтияш андешаи доимӣ ба сар намуд? Шояд хелеҳо ҳам дошта бошанд, вале кам нестанд хонаводаҳое ҳам, ки хушунату зулм ва бемеҳриву беэҳтиромӣ мояи хушбахтиро бе сабабу баҳонаҳое дар чунин нишеманҳо барҳам задаву умрҳоро ба бод додааст.

Яке аз сарчашмаҳои асосии бадбахтӣ дар оила, ин зулм аст, хушунат аст, ки яке аз ҳамсарон бар дигаре раво мебинанд. Хушунат ин зулми мудавом аст, ки пайваста инсонро зери панҷаи бераҳмонаи худ гирифта, яке аз болои дигаре онро амалӣ месозад. Хоҳ зан ба шавҳар зулм кунад ва ё хоҳ мард ба занаш, дар чунин оила дигар аз бахту хушбахтӣ ҳарфе боқӣ намемонад. Зеро зулм дар хонадон ба касе, ки аз аъзои оила раво дониста шавад, аз он на як нафар, балки аҳли хонадон ранҷ мекашанд.

Масалан, агар шавҳар зани худро мудом зери шаттаву шаллоқ мегирад ё бо таҳқири лафзиву рӯҳӣ вайро озор медиҳад, ҳатман сабабгори бадбахтии фарзандон ва ҳам волидони ин зан мегардад. Аз ин озор тамоми хешу ақрабои он мазлум рӯҳан ранҷ мекашанд. Ҳатто падару модари худи ҳамон мард ва шавҳар худаш ҳам ҳамеша ғамгинанду бадбахтона зиндагӣ мекунанд. Яъне, озори яке аз узви оила боиси зулму азоби як оилаи калон мегардад. Ё баръакс, агар марде дар хонадон аз бадзабонӣ ва ё хулқи баду рафтори ношоистаи ҳамсараш ранҷ мекашад, аҳли байти ин нишеман низ ҳамон ранҷро мекашанд. Дар ин хонадон ҳам аз он хушбахтиҳои орзукардаи одамон дар рӯзи тӯй, дигар нишоне ҷустан ғайриимкон аст.

Зулм дар хонадон сарчашмаҳои зиёде дорад. Яке аз онҳо бефарҳангӣ аст, нобуди фарҳанги оиладорист. Инсони бе ақлу савод аз хурдтарин гап масъалаи калон карда метавонад. Зеро ӯ агар аз касе ё чизе биранҷад, ақли бахшиш ё гузашт карданро надорад. Чунин нафарон аз бесаводиву бефаҳмӣ худро "соҳиб"-и шахси нафари дигар пиндошта гумон мекунанд, ки онҳо ба ҳама чиз ва ҳам гуна муносибат бо ин "молашон" ҳақ доранд. Хоҳанд мезананд, хоҳанад навозиш мекунанд, агар бихоҳанд ба мавҷудияташ ҳам эътибор намедиҳанд. Чунин одамон ҳатто аз илму фарҳанги ҳуқуқ ҳам бархӯрдор нестанд, ки бифаҳманд, ки ҳама инсонҳо ҳуқуқҳои баробар дошта, яке ҳақ надорад, ки зиндагии каси дигарро пурра дар ихтиёри худ бигирад. Тамоми рафтору кирдори дигареро назорат ва ихтиёрдорӣ кунад. Охир на никоҳи мусулмонӣ ва на никоҳи расмӣ як нафарро пурра мутеъи каси дигар намегардонад. Балки никоҳ пайванди ду нафар аст, ки ба ҳукми қонун медарояд ба хотири ҳамзистии баъдинаи аз нигоҳи шариат ҳалол ва аз нигоҳи дунявият қонунӣ аҳд карда мешавад . Мутаассифона, баъзан хурофотпарастии мо ба ҳаддест, ки аксар вақте арӯсро ба хонаи домод меоранд, хурду бузурги ин хонадон ӯро ба ҳайси як хизматгор қабул мекунанд. Хоса дар баъзе оилаҳои деҳот келин овардан маънои як коргареро ё қувваи кориеро ба хона овардан аст. Аз тӯй ҳанӯз ҳафтае нагузашта ба вай чун ба канизе рафтор кардан оғоз мегардад. Духтари ҷавон гӯё баробари зан шудан тамоми ҳуқуқҳои инсонии худро аз даст медиҳад. Тамоми рафторҳои вай зери назорати қатъӣ гирифта мешаванд. Дигар вай ҳатто дидори падару модарашро бо иҷозати шавҳар ва волидони вай мебинад. Либоспӯшиашро шавҳар танзим мекунад. Бо кӣ дӯст шудану бо кӣ дигар гап назаданаш ҳам дар ихтиёри "калон"-ҳои наваш мемонад. Худое накарда, агар арӯс ба шавҳараш каме маъқул набошад, дигар он бадбахт пурра дар зери зулми аҳли як хонавода мемонад.

Хулоса, як инсон худро дигар тамоман беҳуқуқ ва бечора мебинад, ки ҷораи ягонааш гӯё сабр аст, вале баъзан кас намедонад, ки ба хотири чӣ бояд сабр кунад? Ба хотири хушбахтӣ дар оянда? Оё оилае, зиндагии якҷояро бо бадбахтӣ оғоз кард баъдан хушбахт шуда метавонад? Албатта не, вале сабри зан ё мард дар чунин хонаводаҳо ба он оварда мерасонад, ки баъдан онҳо бо муросо мезиянд ва ақаллан фарзандони бегуноҳашонро аз ин ҳамсарӣ, сағира намесозанд.

Оилаҳои зиёде дар аввали зиндагӣ маҳз бо он сабаб пош мехӯранд, ки ба келин муносибати фарзандвор надоранд. Яъне, муносибат ба аъзои нави оила - келин на ҳамчун ба як инсон, балки чун як канизи беҳуқуқест, ки ҳатто хешу табор ё ҳамсояҳо ҳам ба вай кор доранд, метавонанд ӯро айб кунанд, наҳ зананд. Ин ҳама даҳолати ашхоси зиёд мавқеи ӯро тангу носозгор месозад.

Агар ӯ шахси босабру таҳаммул бошад, ин марҳилаи барояш душворро пушти сар мекунад. Агар не, пас ин ду хонадони нав ба ҳам дӯсту қарингашта зуд бо ҳам душман мегардаду талоқ тақдири ду нафар, ё ҳади аққал як нафарро барои оянда батамом мешиканад.

Чаро волидон пеш аз хонадор кардани фарзандон онҳоро ба ҳаёти оилавӣ тайёр намекунанд? Чаро ба писарон намефаҳмонанд, ки як оилаи дигар фарзандашро ба мо чун фарзанд додааст, на чун шахси нодаркор, ки мо ҳар чи бихоҳем бо ӯ бикунем, ва ё бо вай дуруштрафториву дуруштгуфторӣ намоем. Шояд ҳамагон медонанад, ки лаҳни ширин, сухани хуш, ғамхориву парасториро дар инсон дар кӯдакӣ танҳо тавассути рафтори калонсолон метавон тарбия кард. Акси онро низ фарзанд аз волидон мерос мегирад. Зеро фарзандон аксаран бо хислатҳои ирсӣ таҳти таъсири рафтори калонсолон мондан, тақрибан рӯзгори волидонро такрор мекунанд. Ҳатто ин хислатро, яъне шафқату раҳмдилӣ ва беозориро дар ниҳоди фарзандон дар муносибат бо ҳайвоноту паррандагон низ бояд аз хурдсолӣ тарбия кард. Дар мисоли он, ки гузаштагони мо ҳатто корди барои забҳи чорво тез мекардаро дар пеши чашмони он ҷонвар тез намекарданд, ки ин амал эҳтиром гузоштан нисбат ба эҳсосоти ҳайвонро таҷассум мекунад. Ин аст, ки дар оила латукӯб кардан, дод гуфтан, таҳқир кардан, дуруштгуфторӣ намудан дар пеши чашми фарзандон ё умуман нобoлиғон дар ахлоқи мо норавост.

Пояи мустақару бунёдии хонаводаро муҳаббати тарафайн бобақо месозад, зеро маҳз ин омил метавонад боиси пойдории оила бигардад. Абӯнасри Форобӣ ҳам маҳз ба ин хотир бо такя ба сарчашмаҳои қуръонӣ таъкид карда буд, ки: "Ҳадафи инсон дар оила расидан ба хушбахтӣ аст".Оилаи хушбахт ин оилаи бе хушунат аст, ки садоқат дар он ҳукмрону зану шавҳар посбони абадии оромиши чунин зиндагиянд. Пас хушунатро аз хонадон бурун кардану дари хушбахтиро кушодан вазифаи ҳар як узви он аст.

**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**

# ФАЪОЛИЯТ ЖУРНАЛИСТОН Ч

***16 январи соли равон дар шаҳри Душанбе Анҷумани XIV Иттифоқи журналистони Тоҷикистон баргузор мегардад. Дар Анҷуман аз фаъолияти 5-солаи Иттифоқи журналистон натиҷагирӣ мешавад. Ҳамзамон интихоби ҳайати нави Раёсат ва Раиси ин созмони эҷодӣ дар назар аст. Дар арафаи Анҷуман хабарнигорони мо бо чанде аз журналистони варзидаи кишвар ҳамсуҳбат шуда, аз онҳо хоҳиш карданд, ки перомуни дирӯзу имрӯзу фардои ИЖТ андешаҳояшонро баён кунанд. Онҳо барои фаъолияти хуби ин созмони бонуфуз дар оянда пешниҳодҳои судманд ироа карданд.***

**Бахтиёри МУРТАЗО, узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон:**



-Вақте ки журналист мегӯям устодонам, Мутеъулло Наҷмиддинов ва Ибод Файзуллоев ба ёдам меоянд. Воқеан ҳам, инҳо шахсони покниҳод, журналистони соҳибистеъдод буданд ва ба маслаки худ содиқона олӣ доштанд. Покию поквизасириштии онҳо ҳамчун инсон дар навбати аввал меистод. Аслан агар гирем, фақат шахси покизасиришт журналисти ҳақиқӣ шуда метавонад, меъёру мизони аввали санҷиш барои журналист покии ботинии ӯст.

Дар арафаи Анҷумани XIV Иттифоқи журналистони Тоҷикистон хотираҳои зиёде пеши назар меоянд. Дар анҷуман корҳои иҷрошуда ҷамъбаст ва баррасӣ гардида, нақшаҳои ояндаи фаъолияти журналистон мураттаб мешаванд. Анҷуман раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистонро интихоб менамояд.

Хуб мебуд, ки ба ин вазифа шахси эҷодкор интихоб гардад, то ӯ дарди дили аҳли эҷодро дуруст дарк карда тавонад.

Иттифоқи журналистони Тоҷикистон неруи бузурги эҷодӣ мебошад. Роҳбари навинтихобшуда ҳамин неруи бузурги эҷодиро бояд ба роҳи вазифаи созандагӣ ҳидоят карда тавонад, ҳамрайъии журналистонро беш аз пеш мустаҳкам намояд. Маҳфилҳо ташкил гардида, эҷоди журналистон муҳокима бишаванд ва гулчини навиштаҳо дар маҷмӯаҳо фароҳам омада, ба нашр расанд. Кулли ин масоилро раиси ИЖТ бояд роҳбарӣ намояд.

**Ҷовид МУҚИМ, профессор:**



-Баъди ҷанги шаҳрвандӣ обрӯи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон дар ҷомеа коҳиш ёфт. Мутаассифона, дар ин давра шахсони гуногун узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон шуданд, ки аксарияташон ба журналистика иртибот надоштанд. Онҳо бо доштани ҳуҷҷати узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон то андозае ифтихор ва аз ин ҳуҷҷат сӯистифода ҳам мекарданд. Борҳо шоҳиди он шудам, ки мукофоти ИЖТ ба номи Абулқосим Лоҳутӣ низ ба онҳое дода шуд, ки арзандаи он набуданд. Мехоҳам, ки дар оянда нафарони арзанда ба узвияти ИЖТ қабул шаванд ва озмуни ҷоизаи А.Лоҳутӣ шаффоф ва боадолатона сурат бигирад.

**Мансур САЙФИДДИН, Аълочии матбуоти тоҷик, барандаи Ҷоизаи Иттифоқи журналистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ:**

-11-уми марти соли 2002 садсолагии таъсисёбии матбуоти тоҷик ботантана таҷлил гардид. Ба ифтихори ин санаи муҳим дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ бо иштироки Роҳбари давлатамон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси бошукӯҳ доир шуд. Дар суханронии пурмуҳтавои худ Ҷаноби Олӣ таъкид намуданд, ки кулли воситаҳои ахбори умум, хоҳ расмию хоҳ ғайриҳукуматӣ бояд манфиатҳои умумидавлатию умумимиллиро ҳамеша дар мадди аввал гузоранд. Ин ҳидояти Роҳбари давлат маҳаки фаъолият ва рисолати касбии рӯзноманигорони кишварро муайян месозад. Дар пайи иҷроиши ин дастур Иттифоқи журналистони Тоҷикистон корҳои судманде



дерo амалӣ сохт. Солҳои охир саҳми ин иттифоқи бонуфузи эҷодӣ дар таҳкими неруи эҷодии расонаҳои хабарӣ, мубодилаи таҷриба, ҳифзи ҳуқуқҳои журналистон назаррас буд. Яке аз икдомҳои хуб таъсиси осорхонаи матбуот дар назди Иттифоқ аст. Ҳамчунин барои беҳдошти фаъолияти минбаъдаи Иттифоқ пешниҳод менамоем, ки он бояд нашрияи расмии худро таъсис диҳад. Ба раёсати нави Иттифоқ лозим аст, ки равобит ва ҳамкориро бо бахшҳои вилоятию шаҳрии худ густариш диҳад. Иттифоқи журналистон бояд ҳамвора ил фикрро дар байни аъзои худ талқин кунад, ки озодии сухан ҳамзамон масъулияти баланди ҳар қалампешаро тақозо мекунад. Фаромӯш набояд кард: "Суханро вазну тамкини замин бояд". Дар фарҷом як байти устод Бозор Собирро хотирнишон менамоем, ки метавонад шиори ҳамарӯзаи аҳли қалам, аз ҷумла ҳар як узви Иттифоқи журналистон бошад:

*Умри Айнӣ аз барои халқ*
*сарфи хома шуд,*
*Халқи моро дафтари Айнӣ*
*шаҳодатнома шуд.*

**Умари ШЕРХОН, муовини директори нашриёти "Шарқи Озод"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

-Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (ИЖТ) дар даврони Шӯравӣ яке аз ниҳодҳои пуркудратии ҷамъиятии ҳукуматӣ маҳсуб мeёфт, ки ҳукумати давр аз ҳамин иттифоқ бениҳоят хуб ба манфиати худ истифода мебурд ва дар он замон ИЖТ бениҳоят фаъол буд. Баъд аз пош хӯрдани Ҳукумати Шӯравӣ ва вазъияти нобасомони солҳои 90-ум нуфузи ИЖТ бениҳоят коҳиш ёфта буд. Аз даврае, ки шодравон Акбари Саттор бори аввал раиси ин ниҳоди ҷамъиятӣ интихоб шуд, ин ташкилот оҳистаоҳиста дар ҷамъият мақоми худро пайдо кард ва тӯли 8 соли охир ин созмон яке аз ниҳодҳои фаъоли ВАО-и Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Вақте ки бори аввал А. Саттор раиси ИЖТ интихоб шуданд, баъд аз вафоти Мирзоҳаёт Давлатов, раиси собиқи ин созмони ҷамъиятӣ, мо ягон ҳуҷҷат, ҳатто як варақ ҳам



пайдо карда натавонистем. Ҳамаи ҳуҷҷатгузориҳо аз сари нав тартиб дода шуд, ҷоизаи ИЖТ ба номи А. Лоҳутӣ барқарор карда шуд, ки ҳамасола ин ҷоиза дар баробари дигар ҷоизаҳо супорида мешуд. Дар ин давра ИЖТ ба созмонҳои дигари журналистӣ муносибати хуб дошт, ки агар дар маҷмуъ гӯем, ягон масъала аз мадди назари ин созмон дур намемонд.

Рӯзҳои наздик Анҷумани навбатии ИЖТ баргузор мегардад ва дар назар аст, ки дар он раёсати нави ин созмон интихоб шавад. Мо журналистон умедворем, ки дар оянда ИЖТ дар ҷамъияти имрӯза ба монанди солҳои 60 то 80-уми асри гузашта мақому манзалати худро пайдо мекунад ва аз он ҳам дида нисбатан пурқувваттар мегардад. Даврони Шӯравӣ ИЖТ бинои худро дошт ва мо мехоҳем, ки Иттифоқ ҳарчи зудтар бинои худро пайдо кунад. Рӯзномаи ИЖТ, ки то солҳои 90-уми асри гузашта бо номи "Сухан" ба нашр мерасид, бисёр мехоҳам, ки боз аз сари нав ба як тартиби муайян дар қатори дигар рӯзномаю маҷаллаҳо рӯи чоп биёяд. Ҳайати нави ИЖТ-ро зарур аст, ки кӯшиш ба харҷ диҳанд то ин ки мартабаи ин созмони ҷамъиятӣ аз дигар созмонҳои ҷамъиятии имрӯзаи дар Тоҷикистон амалкунанда паст набошад. Умедворам, ки дар оянда ҳайати нави ИЖТ бо ҳамаи ниҳоду созмонҳои ҷамъиятӣ муносибати шоистае барқарор карда, фаъолияти худро ба манфиати Тоҷикистони азиз пеш мебаранд.

**Лидия ИСАМОВА, хабарнигори агентии "РИА Новости" (Русия) дар Тоҷикистон:**

- Замони Шӯравӣ Иттифоқи журналистони Тоҷикистон бисёртар вазифаи функсионалиро иҷро намуда, амалан ҳамчун як шохаи ҳокимияти давлатӣ маҳсуб меёфт. Аз дигар тараф, ИЖТ дар самти кафолати ҳимояи



иҷтимоии рӯзноманигорон, аз қабили дастрасӣ ба манзили зист, автомобил, роҳхатҳои истироҳатӣ ва амсоли ин хидмат мекард. Аммо он замон узвият ба ИЖТ танҳо ба муаллифони шинохта дастрас буд, ба Иттифоқи журналистони Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ бошад, муаллифон аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ тибқи квотаи муайян аъзо шуда метавонистанд.

Раҳбари пешинаи ИЖТ Акбари Саттор (равонаш шод бод!) ҳамчун раҳбар ва ҳамчун инсон барои журналистон бисёр корҳои мусбӣ ба анҷом расонд. Ба ӯ мумкин буд ҳамавақт муроҷиат намуд, ӯ ҳамеша дар ҳифзи он журналистоне буд, ки ноҳақ таъқибашон мекарданд. Ӯ хеле мехост, ки журналистони кишвар соҳиби клуб ва осорхонаи худ бошанд, мехост маълумотнома-донишномаи журналистикаи тоҷикро ба нашр расонад, аммо сад афсӯс, ки ин ниятҳои наҷибашро натавонист пиёда созад. Хеле мехостам, ки ҳайати нави ИЖТ он чизеро, ки А.Саттор ният дошт, амалӣ бисозаду умр вафогӣ накард, онро амалӣ кунанд ва нисбат ба қазияҳо ва манофеи журналистикаи тоҷик бетафовут набошад.

**Сайёфи МИЗРОБ, сардабири ҳафтаномаи СССР:**

- ИЖТ бояд 100% не, 1000% самти фаъолияташро тағйир кунад. Зимнан, ба пиндори ман, пеши Раёсати нави ИЖТ чанд вазифа истодааст:



**1.** ИЖТ бояд манфиати журналистикаи ҳирфаӣ, яъне профессионалиро ҳифз кунад. Дар ҳар мурофиаи судӣ, ки бар зидди ин ё он журналисти касбӣ воқеъ мегардад, бо он ҳамкасб дар паси мизи ҷавобгарӣ нишинад. Зеро ҳифзи манфиати журналисти касбӣ, ин ҳимоят аз озодии баён, демократия ва ворастагист!

**2.** ИЖТ набояд «лаббайка»-гӯи созмону фондҳои хориҷӣ гардад. Имрӯз дар амал мебинем, ки ин созмонҳо ҷаҳони саввум, дунёи исломиро, ки мо низ ҳомили онем, ба чӣ катаклизмҳо кашидааст.

**3.** ИЖТ бояд профессионал бошад ва дар хидмати профессионалҳо.

**4.** ИЖТ бояд муайян кунад, ки журналисти профессионал кист! Имрӯз, маъзарат, вале сафҳои моаъзои ИЖТ онгуна олудаву полуда шудааст, ки кас намедонад, нафаре дар дасташ ҳуҷҷати узви ИЖТ аст, аслан чӣ касб дорад?! Инҳоро бояд ронд!

**5.** Узви ИЖТ бояд журналисти профессионал бошад. Дар навбати аввал ӯ бояд факултаи журналистикаро хатм кунад, баъдан, на камтар аз 7 сол дар расонаҳои иттилоотӣ фаолияти бевосита дошта бошад!

**6.** Як қисса меорам. Узви ИЖТ Зиннатуллоҳи Исмоилро, аз қавли худаш, дар Алма-Ато пулис медорад ва чун ӯ ҳуҷҷати ИЖТ-ро



нишон медиҳад, пулис мегӯяд, ин санад қобили бовару эътимод нест, зеро ҳар дуввумин тоҷики меҳмони ин шаҳр чунин ҳуҷҷат дорад. Баъдан ҳуҷҷати Зиннатуллоҳро тафтиш кардаву мегӯяд: "Марҳамат хатои навбатӣ. Шумо соли 1972 таваллуд шудаеду узвиятатон дар ИЖТ аз соли 1962 ба қайд гирифта шудааст". Яъне чӣ? Яъне ман пешниҳод дорам, ки ҳуҷҷатҳои тамомии аъзои ИЖТ бозпас хонда шаванд ва аз сари нав, танҳову танҳо ба журналистони ҳирфаӣ ин аснод дода шавад!

**7.** Барои узви ИЖТ шудан бояд на камтар аз 7 тавсиянома пешкаш гардад ва аз ин миён 3 сардабири газетаҳои фаъол чунин тавсияномаро ба муддаӣ диҳанд.

**8.** Барои узви ИЖТ шудан ҳама садорати ИЖТ бо шумули муовинҳо ва ҳатто созмонҳои вилоятӣ (агар муддаӣ аз музофот аст) бояд овоз диҳанд.

**9.** Овоздиҳӣ барои узви ИЖТ шудан бояд инкогнито, яъне пӯшида доир шавад.

**10.** Аъзоҳаққии ИЖТ бояд 10 баробар боло равад...

**Зиннатуло ИСМОИЛЗОДА, директори муассисаи давлатии "Академияи ВАО":**

-Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, ки қадимтарин ташкилоти ҷамъиятии соҳа мебошад, аз ибтидои таъсиси он рисолати худро ҳамчун ташкилоте, ки нерӯҳои эҷодиро муттаҳид месозад, сомон медиҳад. Обрӯву нуфузи ҳар ташкилоти ҷамъиятӣ бидуни шубҳа ба тарзи корбарӣ ва роҳбарии муваффақона иртибот мегирад. Ҳамагон шоҳидем, ки дар замони роҳбарии шодравон Акбари Саттор иттифоқ дубора эҳё гардид ва ҳамчун ташкилоти бонуфуз шинохта шуд.

Маҳз дар ин давра барои рушди журналистикаи миллӣ ва ҳимояи манофеи журналистон созмон тамоми неруи худро равона сохт. Воқеан мадад ба фаъолияти эҷодии журналистон, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои онҳо, манфиатҳои иҷтимоӣ ва касбиву эҷодии журналистон ва боло бурдани нуфузи соҳа аз вазифаҳои асосии Иттифоқи журналистон ба шумор меравад.

# ИТТИФОҚИ
# Й ГУНА БОШАД?





Аз ин нигоҳ, барои амалӣ намудани ҳадафҳои мазкур Иттифоқи журналистонро муттаҳидӣ ва ҳамраъйии комили ҳамкасбон зарур аст. Бо ин роҳ мо метавонем на танҳо нуфузи иттиҳодияи касбиамонро боло бардорем, балки дар рушди воситаҳои ахбори оммаи кишвар саҳми арзандаи худро гузорем.

**Садриддин ЁРОВ, муовини сармуҳаррири маҷаллаи "Хорпуштак":**



- Кӯшиш бояд кард, ки нашриёҳои Тоҷикистон сарфи назар аз шакли моликияти худ - давлатӣ, ғайридавлатӣ, хусусӣ ва ҷамъиятӣ баробар ҷойгоҳ ва эътибор дошта бошанд. Нашриёҳо, радио ва телевизионҳо ҳам талош ба харҷ диҳанд, ки ҷиҳати рушди иқтисод, аз тариқи нашри матолиби хонданӣ ва беғаразона саҳм гиранд.

Кор тавре ба роҳ монда шавад, ки идораҳо ва шахсони масъул ба матлаби нашриёҳо таваҷҷуҳ намоянд, аз таблиғоти дурӯғ ва бепоя парҳез кунанд.

Медонед, парҳезкорӣ аз куҷо оғоз мегирад? Аз он ҷо ки мақомоти муҳтарам ва рӯзноманигорон сухани ҳақ ва бодалел гӯянду ба нашр расонанд. Агар навиштаҳои ҳамкасбони мо боғараз ва тамаъкорона бошад, на эътибору обрӯи рӯзномаю хабарнигор мемонаду на аз мақомоту идора ва корхонаҳое, ки дар бораашон матлаб нашр мекунем.

Матлаб бояд бетамаъ навишта шавад. Аз кинаву ғурур, орӣ ва ба ҳадафи ободонии кишвар равона шуда бошад. Иттифоқи рӯзноманигорон дар заминаи тарбияи аъзои худ ва ҳамчунин аҳли кормандони нашриёҳо дар ин самт фаъолияти ҷиддӣ анҷом диҳад.

Аз сӯи дигар, ҳоло ки бо интихоби раёсати нав барномаи тозаи мудирият рӯи даст гирифта мешавад, бо ҷавонон ва нафароне, ки ба узвият пазируфта мешаванд, кор бояд кард. Шароите эҷод шавад, ки ҷавонҳое, ки рӯзноманигориро ҳамчун пеша интихоб мекунанд ва умри худро ба ин касб мебахшанд, бо муҳаббат ва дилгармӣ ба шуғли интихобкардаи худ часпанд. Оддитарин чизҳо, сарфу наҳви журналистика, нозукиҳои онро бояд хуб донанд. Бемеҳру беталош дар ин соҳа муваффақ шудан душвор аст. Иттифоқ ҳам бо дарназардошти хидмат ва натиҷаи кор довталабонро бояд интихоб кунад ва ба узвият бипазирад.

Гоҳе мо аз гузашта ба некӣ ёд мекунем, вале ин маънои нададани пешрафту дастовардҳои имрӯзаи соҳаи журналистикаро надорад. Иқрор бояд шавем, ки дар даврони Шӯравӣ сухани чопӣ ва ончи аз радио ва телевизион гуфта мешуд, арзиш дошт. Чаро? Чунки бо таҳлилу таҳқиқ ва ҳирфаӣ гуфта мешуд. Ҳар матлаби танқидӣ бодалел ва бо таҳлил нашр мешуд.

Замоне, дар рӯзномаи "Тоҷикистони советӣ" кор мекардам, агар як хабар чоп мешуд, чандин нафар телефон карда, табрик мегуфтанд, чунки сухани чопӣ бақадр буд. Ҳар чӣ ҳам чоп намешуд. Иттифоқи мо бояд коре кунад, ки мактаби рӯзноманигорӣ бо дарназардошти ҷиҳати мусбати таҷрибаи пешин дар идораю нашриёҳо такмил шавад. Интихоби мавзӯъ, масъалагузориҳо дар сатҳи олӣ бошад. Аз сухани ҳақ ҳимоят шавад. Агар газета, радио, телевизион камбудиҳоро ошкор танқид накунанд, дигар кӣ гапи ҳақро мегӯяд. Дар гузашта як сухани мақолмонанд буд, ки мегуфтанд: "Дастовардҳо аз худамон аст, аз камбудиҳо гӯем, ки ислоҳ шаванд."

**Ҳабибулло ИМОДӢ, собиқадори матбуот, узви Иттифоқи нависандагон ва Иттифоқи рӯзноманигорони Тоҷикистон**

-Иттифоқи рӯзноманигорон, албатта вобаста ба шароити иқтисоди бозор кору фаъолият мекунад. Дар гузашта аслан моликият давлатӣ ва ҷамъиятӣ буд, вале ҳоло моликияти шахсӣ ва бахши хусусӣ ҷойгоҳи худро пайдо кардааст, ки шарту вазифаҳои нав дар назди рӯзноманигорону Иттифоқи мо мегузорад.

Журналистон ҳам ин ҳассосиятро акнун кам-кам дарк мекунанд. Ба ҳар сурат, фақат ба таблиғи корхонаю шахсони мансабдор машғул нашуда, барои ҳимояти ҳуқуқии соҳибкорон, ки дар бахшҳои гуногуни иқтисоди кишвар кору фаъолият мекунанд, иқдом бояд шавад.



Раёсати нави Иттифоқ дар ҷиҳати омӯзиши ҳуқуқии аъзои худ бояд тадбирҳои муассир таҳия ва мавриди иҷро қарор диҳад. Коре бояд кард, ки рӯзноманигорон аз паҳн шудани ришвахӯрӣ дар ҷомеа, иҷрои барномаҳои давлат, татбиқи тарҳҳои дастрасӣ ба ёриҳои башардӯстона, сарфаи сармояҳое, ки аз хориҷ ворид мешаванд, таъмини шаффофияти истифода аз онҳо саҳми бештар гиранд.

Журналистон дар шароити имрӯз ба таҳдиду хатарҳои зиёде рӯ ба рӯ ҳастанд. Дар ҷиҳати ҳимояти онҳо ҳам чораҳои лозим андешида бояд шавад.

Ба назари ман, як роҳи хуби пешгирӣ аз баъзе таҳдидҳо воқеъбинона ва санҷида гуфтану навиштани ҳар гуна матлаб аст. Ана ин чиз бояд аз ҳар рӯзноманигор талаб карда шавад. Бофтаю сохта навиштан, тӯҳмат чоп кардан нафақат обрӯи нашрия ва рӯзноманигорро коҳиш медиҳад, балки мавриди таъқибу фишор қарор гирифтани худи нависандаи матлаб ва масъулони нашрия мешавад. Аз рӯзноманигорон тақозо шавад, ки мавзӯъро пас аз таҳқиқ интихоб кунанд ва он масъалаҳоеро нависанд, ки хуб медонанд. Иттифоқ барои рӯзноманигорон дар баробари як ниҳоди сарҷамъӣ будан маркази танзими фаъолият ҳам бояд бошад.

**Хуршеди АТОВУЛЛО, раиси Маркази тадқиқоти журналистии Тоҷикистон:**



-Дар таърихе, ки ман ёд дорам, Иттиҳоди журналистони Ҷумҳурии Тоҷикистон ду роҳбаре дошт, ки аз дигарон фарқ мекарданд, аввалӣ Отахон Латифӣ, дуюмӣ Акбари Саттор. Аввалӣ бо он фарқ мекард, ки аз журналистони номдори замони Шӯравӣ ба ҳисоб мешуд ва обрӯю нуфузаш имкон медод, ки фаъолияти ИЖТ дар ҳамоҳангӣ бо ИЖТ-ҳои дигар кишварҳо ба роҳ монда шавад. Дуввумӣ иттифоқи қариб гумномшударо зинда кард ва тавонист журналистони новобаста аз мавкеъи идеологӣ, мустақил ё ҳукуматӣ будан ба ҳам орад.

Вазифаи аслии ИЖТ ҳимоя аз мавқеъи журналистон аст ва то ҷое гумон меравад, ин амалро Акбари Саттор тавониста буд иҷро кунад. Ҳарчанд "ноумед шайтон аст", вале бо назар андохтан ба рӯйхати журналистони номзад ба ин мансаб метавон дарк кард, ки ҷои Акбар воқеан холист.

ИЖТ- и замони Акбари Саттор тамоми кореро, ки анҷом медод, дар ҳамоҳангӣ бо дигар созмонҳои журналистӣ буд. Дар Раёсати ИЖТ дар замони ӯ аъзои он новобаста аз мавқеъ интихоб шуда буданд. ИЖТ- и замони Акбар Саттор як пуле буд миёни ҳукумат ва миёни журналистон. Мавкеи журналистонро ҳангоми баҳсҳои судӣ новобаста аз мустақил ё давлатӣ буданашон ҳимоя мекард. Аммо роҳбари нав метавониста бошад ин амалҳоро анҷом диҳад?

**Илҳом ҶАМОЛИЁН, муовини раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон дар вилояти Суғд:**

-Дар замони Шӯравӣ Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба мисли дигар иттиҳодияҳои эҷодӣ аз як қатор имтиёзҳо бархурдор буд. Узви иттифоқи журналистон метавонист, ки аз ҳисоби созмони худ барои табобат ё истироҳат роҳхатҳои арзонро соҳиб шавад. Ҳатто барои гирифтани хона низ имтиёзи муайян дошт ва истифодаи нақлиёти ба истилоҳ умумӣ барояшон ройгон сурат мегирифт. Албатта, дар он замон шароит дигар буд ва Иттифоқи журналистон дар баробари пуштибонии давлатӣ доштанаш, инчунин манбаъҳои дарёфти маблағро низ дошт, ки аз ин ҳисоб Хазинаи журналистон ғанӣ мегардид. Ҳоло замона дигар шудааст ва муносибатҳои бозоргонӣ авҷ гирифтаанд. Акнун, дар шароите, ки ҳатто аксари узви иттиҳодия дар супоридани ҳаққи узвияти иттифоқро надоранду мушкилӣ мекашанд, пешбинӣ кардани имтиёзҳое, ки қаблан мавҷуд буданд, ғайриимкон шудааст. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити кишвари мо ҷалби спонсорҳо ё маблағи ҳомиён барои ҳалли масъалаҳо чандон боровар нестанд.



Ростӣ, то замоне, ки Акбари Саттор (равонаш шод бод!) раёсати ин иттиҳодияро ба ӯҳда гирифт, вазъият хеле ногувор буд ва бешак, он бо вазъи умумии ҷамъиятӣ - сиёсии кишвар то андозае ҳамнавоӣ дошт. Аммо метавон гуфт, баъдан Иттифоқи журналистони Тоҷикистон хеле "зинда" шуд ва то ҳадде мақому манзалати худро дар байни ҷомеа, бахусус дар миёни ҷомеаи журналистӣ барқарор кард. Эътимоди журналистон ба иттиҳодияи касбии хеш ба сифати як ҳомӣ ва пуштибон то андозае зиёд шуд. Аз ин лиҳоз ин марҳилаи таърихии Иттифоқи журналистони Тоҷикистонро метавон замони эҳёи иттиҳодияи эҷодӣ ном бурд. Ба андешаи ман, марги нобаҳангоми раиси ин иттиҳодия ба ин марҳила хотима гузошт ва ҳоло Иттифоқи журналистони Тоҷикистон дар остонаи марҳилаи сифатан нави рушду нумӯъ қарор дорад. Ба андешаи ман, дар ин давраи рушд таваҷҷӯҳи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон бештар ба ҳимояи манфиатҳои касбии журналистон ва рушди касбии онҳо, беҳтар гардидани шароит барои фаъолияти касбӣ, пуштибонии воқеии журналистони бознишаста, ба тавсеаи ҳамкориҳо бо қишрҳои мухталифи ҷомеа, бахусус бо ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мутамарказонида мешавад. Фикр мекунам, ки барои ҳалли ин масъалаҳо Иттифоқи журналистони Тоҷикистон тамоми имконият ва шароитро дорад ва умедворам, ки ҳайати нави роҳбарии иттиҳодия дар ин амр устувор хоҳад буд.

**Абдураҳмон РАҲМОНОВ, хабарнигори хабаргузории "Авесто":**

-Анҷумани Иттифоқи рӯзноманигорони Тоҷикистон имкони хубе барои фароҳам кардани шароити муносиб ҷиҳати тақвияти фаъолияти ин ниҳодро дорад.

Иттифоқи рӯзноманигорон таърихи рангин ва пурмазмунеро дошт ва мо умед дорем, ки Анҷуман бо интихоби Раёсати нав заминаи эҳёи дубораи анъанаҳои неки ин ниҳодро ба вуҷуд меорад.



Вақте Иттифоқ мегӯем, пеш аз ҳама ин хоҳиш пайдо мешавад, ки он дар оянда ба як созмоне табдил шавад, ки ҷасорату тавони ҳимоят аз аъзои худро дошта бошад. Раёсати нави Иттифоқ бояд коре кунад, ки шахсони тасодуфӣ аъзои он набошанд ва ҳар нафаре аъзо мешавад, ҳатман ҳаққи узвиятро сариваққт пардохт ва дар барномаи амали он фаъолона иштирок кунад. Раёсати Иттифоқ дар баробари ҷамъоварии ҳаққи узвият инчунин тадбир ва барномаҳои дигареро ҷиҳати ҳимоят аз рӯзноманигорон, ташвиқи фаъолияти босамари онон, гиромидошт аз собиқадорони ин пеша бояд таҳия ва мавриди иҷро қарор диҳад.

Иттифоқи рӯзноманигорон ниҳоде бояд бошад, ки ҳар корманди ВАО агар ба мушкиле рӯ ба рӯ шуд, ба он муроҷиат кунад ва ба қадри имкон дастгирӣ ёбад.

**Носирҷон МАЪМУРЗОДА, узви ИЖТ, устоди кафедраи рӯзноманигории ДДҚ ба номи Носири Хусрав:**

-Воқеан, дар давраи раёсати марҳум Акбаралӣ Сатторов фаъолияти ИЖТ дар муқоиса бо пешин як андоза чашмрас шуда буд. Аъзои ИЖТ аз нав ба қайд гирифта шуданд. Сафи аъзои ин созмон поккорӣ шуд. ИЖТ ҳамчун як созмони касбии журналистон бо мақсади дифоъ аз ҳуқуқи хабарнигорон баёнияҳо нашр мекард. Хуллас, то ҷое қаноат ҳосил шуда буд, ки ин созмони журналистӣ дубора эҳё гардид.

Аммо, ростӣ, фаъолияти назарраси намояндагиҳои ИЖТ-ро дар сатҳи маҳалҳо эҳсос намекардем. Дар ҷорабиниҳое, ки аз ҷониби раҳбарияти ИЖТ барпо мегардид, хабарнигорони маҳаллӣ - аъзои ИЖТ аз шаҳру ноҳияҳо тақрибан даъват намешуданд. Рӯшан намедонистем, ки маъмурияти ИЖТ барои тақвияти кори ин созмон, барои такмили донишу бозомӯзии журналистон чӣ коре анҷом медиҳад.



Ҳамчун узви ИЖТ, интизории банда аз Анҷумани навбатии ин созмони дар гузашта (ва умедворам, ки дар оянда низ) бонуфузи журналистии Тоҷикистон бисёр аст. Орзумандам, ки ИЖТ ҳамчун як ташкилоти таъсиргузор, маърифатомӯз ва соҳибобрӯ шинохта шавад. Узвият дар созмон бояд мояи ифтихори ҳар як рӯзноманигор бошад. Аммо раҳбарияти ИЖТ бояд фаъолияти ин ташкилотро танҳо дар қаламрави шаҳри Душанбе маҳдуд накунад ва аз заҳмати журналистоне, ки дар сатҳи маҳалҳо, дар шароити начандон мусоиди корӣ машғули эҷоданд, низ хабардор бошад. Ҳамчунин таманнои дигарам ин аст, ки сомонаи интернетии ИЖТ дубора фаъол гашта, чопи нашрияи ИЖТ низ аз сар гирифта шавад.

Парвариши зироату ғалладонагиҳо дар Осиёи Марказӣ таърихи тӯлонӣ дошта, аз замини ҳосилхези маҳал рӯёнидани ҳосили дилхоҳ ва парвариши навъҳои хушзоти зироат шуғли дӯстдоштаи деҳқонон маҳсуб мегардид. Кишти пунбадона аз шумули зироатҳоест, ки рӯёнидани ҳосили дилхоҳ ва таъмини эҳтиёҷоти ба маҳсулоти пахтагӣ доштаи сокинони маҳал таъмин ва ба хориҷа содирот карда мешуд.

Беҳуда ҳам нест, ки дар қатори дигар қарорҳо аз рӯзҳои аввали инқилоби Октябр бо имзои Владимир Ленин таҳти номи "Хлопковая независимость" (Мустақилияти маҳсулоти пахтагӣ) Декрети Совети комиссариати инқилобӣ дар Федератсияи Русия ба тасвиб расида, ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон макони кишти зироати пунбадона қарор дода шуд. Ҳанӯз солҳои 1924-1926 ба Осиёи Марказӣ олимони соҳаи кишоварзӣ аз Русия ба макони ояндаи пахтакории СССР фиристода шуданд. Красичков Вячеслав Прохорович аз шумули олимони ҷавоне буд, ки ба Тоҷикистон омад. Номбурда дар водии Вахш филиали Институти зироаткориро таъсис дода, тамоми умри худро барои рӯёнидани навъҳои серҳосили тухмии пунбадонаи тоҷик сарф кардааст. Яке аз шогирдони бовафои ӯ академик Бобо Сангинов мебошад, ки бо истеҳсоли навъи пахтаи маҳиннахи тоҷик дар саросари олам шуҳратёр гардида буд. Анъанаи тухмипарварӣ дар ваъзи имрӯза то кадом андоза талаботи деҳқонони тоҷикро таъмин карда метавониста бошад, суоле буд, ки зимни мусоҳиба аз Мирзонабӣ Негматов, мудири шуъбаи биологияи умумӣ ва биотехнологияи растаниҳои маркази илмии хуҷандии Академияи илмҳои кишвар пурсон шудем.



# ТУХМИПАРВАРӢ АЗ БАЙН МЕРАВАД?

- Бо далели он, ки имрӯз аз ҳосили пунбадона 1200 намуд мавод омода карда мешавад, метавонем бигӯем, ки пахта аз зироатҳои асосии соҳаи кишоварзӣ дониста мешавад. Солҳои охир ҳосилнокии ин навъи зироат аз 25-30 сентнери солҳои 80-90-уми қарни гузашта то ба 14 - 17 сентнер фаромад. Дар баробари калавиши нархи пахта дар биржаи Лондон, паст будани ҳосилнокӣ омилҳое буданд, ки шуҳрати пешини истеҳсоли пахтаи ватаниро коста намуд. Барои аз сари нав ба соҳаи сердаромад табдил додани пахтакорӣ мо бояд омилҳое, ки садди пешравии соҳа гардидаанд, муайян намоем.

Яқин аст, ки раванди корҳои селексионӣ мураккаб ва тӯлонӣ буда, барои хушсифат иҷро намудани масъалаҳои мубрами соҳа нерӯи баланди зеҳнӣ кифоя нест. Баробари нерӯи ақлонӣ таҷҳизоти муосиру лабораторияҳои замонавӣ зарур аст, ки олимони соҳа корҳои илмии худро дар амалия татбиқ карда тавонанд. Вақти он расидааст, ки дар асоси барномаҳои махсуси давлатӣ кулли ташхисгоҳҳо бо таҷҳизоти муосир ҷиҳозонида шаванд, зеро бе фароҳам овардани шароити мусоид аз мутахассис натиҷаи назаррасро интизор шудан кори хато мебуд.



**- То ҷое огаҳӣ дорем, бо аз хориҷи кишвар ворид намудани навъҳои тухмӣ ҳосилнокии аксар навъи зироатҳо боло рафта, ҳавасмандии марди деҳқон боиси пешрафти кор мешавад.**

- Ин ҳолатро касе инкор карда наметавонад. Ва дар ҳоле, ки кишвари мо аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо шуд, ворид шудани молу маҳсулоти ҷавобгӯи талаботи бозор яқин аст. Вале оё месазад, ки мо таҷрибаи ғанӣ, меҳнати чандинсолаи тухмипарварони худиро ба гӯшаи фаромӯшӣ барем? Ё усули бобоии ба даст овардани ҳосили дилхоҳ имрӯз нодаркор аст? Ё касе кафолат дода метавонад, ки тухмиҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда бо худ касалиҳои то имрӯз ба илми кишоварзии мо номаълумро намеоваранд?

Дар ҳолати дар сатҳи баланди илмӣ- истеҳсолӣ амалӣ намудани корҳои навъсанҷӣ ва ташкили корҳои тухмисанҷиву тухмипарварӣ олимони соҳаи кишоварзии мамлакат метавонанд дар муддати кӯтоҳ киштзори навъҳои беҳтарини ихтроъшударо васеъ намуда, пешрафти соҳаро таъмин намоянд. Барои ин дар мамлакат захираҳои кофии кадрӣ мавҷуд аст. Фақат андаке дилгармӣ ба ин соҳаи ҳаётан муҳим зарур асту бас.

**- Дилгармӣ ба корро чӣ тавр маънидод мекунед?**

- Танҳо дарки масъулият метавонад ҳар кадоми моро водор намояд, ки дар фаъолияти худ ба хунукназариву саҳлангорӣ роҳ надиҳем. Вале замоне, ки дар маҳалҳо ба ҷои мутахассиси соҳа нафари тасодуфиеро мебинӣ, ки ҷойро банд кардааст, чи гуна метавон аз пешрафти соҳа ҳарф зад? Кумитаи давлатии навъсанҷӣ муассисаест, ки ҳамчун арбитражи давлатӣ ба маҳсули кори бисёрсолаи олимон баҳо медиҳад. Дар ҳолати нодуруст баҳо додан ба ин ё он навъ мумкин аст як навъи нодире, ки барои ихтирои он маблағҳои ҳангуфт ва меҳнати чандинсолаи мутахассисону нерӯи ақлонӣ сарф шудааст, аз байн равад. Ё баръакс, навъи дигаре, ки ба талаботи соҳа ҷавобгӯй нест, ба истеҳсолот ҷорӣ карда шавад.

Бо дигаргуна шудани сохти хоҷагидорӣ деҳқон соҳиби ҳақиқии замин гардида, кишти кадом зироатро интихоб намудан ба хоҳиш ва талаботи ӯ вогузор шудааст. Аммо дарёфти тухмӣ чӣ? Дар марҳилаи бӯҳрони шадиди имрӯза магар таваккал кардани марди деҳқон лозим аст. Хуб нест, ки мутахассисони соҳа ба деҳқон тухмиеро пешниҳод намояд, ки ба касалиҳои мухталиф тобовар бошаду ба иқлими маҳал мувофиқат карда тавонад? Дар баробари ин ҳосиле дода тавонад, ки марди деҳқон баробари пӯшонидани хароҷоти худ аз меҳнати худ қаноатманд бошад...

Ҳоло бошад, мутаассифона, мо- олимони соҳаи тухмипарварӣ чунин амали барои марди деҳқон зурурироба ҷо оварда наметавонем. Барои расидан ба ин ният ислоҳоти соҳа ба беҳтар кардани кор дар бахши тухмипарварӣ зарур аст.

*Мусоҳиб* **М.МАҲМУДОВ**

**Вокуниш**

# ҒОЗИЕВА ИМКОНИЯТИ ДАВОМ ДОДАНИ БАҲСРО ГУМ НАКАРДААСТ

**Ба мақолаи Савлат Ғозиева "Ба додам расед", ки дар рӯзномаи "Минбари халқ" аз 25 марти соли 2015, № 13 (992) ба чоп расидааст, судяи Суди Олӣ Т. Самадов чунин посух медиҳад:**

-Тавре аз маводи парвандаи гражданӣ дида мешавад, Ғозиева С.Н. ба суд бо аризаи даъвогӣ нисбати Ҳукумати шаҳри Ғафуров ва Эгамбердиев Ёдгор оиди бекор намудани қарори ҳукумати шаҳри Ғафуров таҳти № 54 аз 1 августи соли 2002 ва баргардонидани қитъаи замини наздиҳавлигӣ муроҷиат намуда, даъвояшро бо он асоснок намудааст, ки аз соли 1995 инҷониб оилаи он дар суроғаи шаҳри Ғафуров, кӯчаи Самарқандӣ, хонаи 3 истиқомат дорад. Соли 1999 оилаи онҳо хонаи истиқоматии кӯчаи Самарқандӣ № 1, иборат аз ҳуҷраи зист, ҳаммомхона ва 154 м2 қитъаи заминро аз соҳибаш Бӯриев Турсунбой харидаанд. Ин ҳолат бо санади имзокардаи шавҳараш -Раҳимов Содиқ, соҳиби хона Буриев Турсунбой ва ҳамсояҳо Буриева Муҳаббат ва Хайрулина Надя тасдиқ мегардад. Аз сабаби фарсуда будан манзили истиқоматиро вайрон карда хостаанд, ки хонаи ҳозиразамон бо дарвозааш созанд. Бо ин мақсад ба раиси ҳукумати шаҳри Ғафуров барои ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо муроҷиат намудаанд. Раиси шаҳр тавсия додааст, ки ариза ба номи раиси шаҳр, санади хариду фурӯши хона, шиносномаи техникии якҷоякардашудаи хонаҳои кӯчаи Самарқандӣ 1, 3, 3А -ро бо қайди МБТИ шаҳри Ғафуров пешниҳод намоянд. Ҳамаи ин ҳуҷҷатҳоро 4 сентябри соли 2001 шавҳараш ба раиси шаҳр супоридааст. Ҳуҷҷатҳоро комиссияи назди ҳукумати шаҳри Ғафуров санҷида баромада, дар асоси ин ҳуҷҷатҳо қарори ҳукумати шаҳри Ғафуров таҳти № 89 аз 5 октябри соли 2001 ба имзо расидааст, ки тибқи он соҳиби қитъаи замини кӯчаи Самарқандӣ - 1 шавҳараш Раҳимов С. эътироф шудааст. Дар ин қитъаи замин як қатор корҳои сохтмониро низ анҷом додаанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, бо сабабҳои номаълум қарори раиси шаҳри Ғафуров аз 1 августи соли 2002 № 54 баромада, 154 м2 қитъаи замини ба онҳо вобасташуда аз нав ба шаҳрванд Эгамбердиев Ёдгор вобаста карда шудааст. Дар асоси ин қарори ғайриқонунӣ Эгамбердиев Ё. дар ин қитъа сохтмони манзил карда истодааст. Аз суд пурсидааст, ки қарори раиси шаҳри Ғафуров № 54 аз 1 августи соли 2002 бекор карда, қитъаи замин ба онҳо баргардонида шавад.

Суди ноҳияи Б. Ғафуров даъворо баррасӣ намуда, муқаррар кардааст, ки даъвогар оид ба хариду фурӯши хонаи истиқоматии Самарқандӣ - 1 ҳуҷҷати тасдиққунанда пешниҳод накардааст. Санади аз тарафи даъвогар оид ба хариду фурӯши қитъаи замини хонаи истиқоматӣ пешниҳодшуда, наметавонад ба сифати ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда қабул карда шавад. Комиссияи назди ҳукумати шаҳр низ онро ба сифати чунин ҳуҷҷат нашуморидааст ва соҳибмулкии даъвогарро ба хонаи истиқоматии баҳсӣ эътироф накардааст. Бинобар ин суди марҳилаи якум даъворо рад намудааст.

Ҳалнома дар марҳилаи кассатсионӣ бетағйир мононда шудааст.

Омӯзиши парванда дар асоси шикоятҳои назоратии даъвогар нишон дод, ки санадҳои судии доир ба парванда қабулкарда асоснок ва қонунӣ мебошанд.

Мавриди ба зикр аст, ки баҳси бардоштаи Ғозиева С. танҳо дар доираи меъёрҳои қонунҳои мурофиавӣ ҳал карда мешавад. Новобаста аз ҳолатҳои дар боло қайдгардида тибқи Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғозиева С. имкониятҳои давом додани баҳси судиро гум накардааст.

# НИГОҲИ ЯК ШАҲРВАНД



*Ё ИЛОВА БА МАҚОЛАИ "НАТИҶАИ КОРИ ШАҲРДОРӢ КАНОАТБАХШ НЕСТ!" "МИНБАРИ ХАЛҚ", 30 ДЕКАБРИ СОЛИ 2015, №53*

**ШАҲРИ** Кӯлоби бостонӣ таърихи чандинҳазорсола дошта, яке аз шаҳрҳои қадимаи Тоҷикистони ҷанубӣ, маркази фарҳангию таърихӣ маҳсуб мешавад. То соли 1992 маркази собиқ вилояти Кӯлоб буда, ифтихори мардуми Кӯлоб ва Хатлонзамин мебошад. Дар шаҳри Кӯлоб ҷашнҳои таърихии 680 - солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 2700 - солагии Кӯлоби бостонӣ, 700 - солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 70 - солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб бо иштироки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва меҳмонҳои зиёди хориҷию намояндагони корпусҳои дипломатии дар Тоҷикистон фаъолият дошта, баргузор гардид. Соли ҷорӣ шаҳри Кӯлоб пойтахти Фарҳангии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил эълон шуд. Дар рӯзҳои омодагӣ ба ҷашнҳои таърихии дар боло қайдшуда ва рӯзҳои баргузории ҷашнҳо шаҳр симои идонаро дар бар гирифта, тозаю озода, таваҷҷуҳи ҳар меҳмони беруна ва сокини шаҳрро ба худ ҷалб мекард. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар баромади табрикии худ дар амфитеатри шаҳри Кӯлоб бахшида ба 700 - солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 31 августи соли 2015 хеле дуруст қайд карданд, ки шаҳрро на фақат ба омадани Сарвари давлат, ё баргузории ягон ҷашнвора омода созед, шаҳр бояд доимо тозаю озода, симои идона дошта бошад.

Мутаассифона мо фақат шаҳри худро метавонем дар рӯзҳои ҷашнгирии ягон санаи таърихӣ, ё ташрифи Сарвари давлат омода сохта, ба меҳмонон ва сокинон пешкаш намоем.

Имрӯз ба симои шаҳр, ба рукнҳои шаҳрдорӣ назар афканем, сари ҳар қадам ба проблемаҳое вомехӯрем, ки ҳусни шаҳрро коста карда, ба ягон қоида ва талаботи шаҳрдорӣ ҷавобгӯй набудани онро исбот мекунанд. Вақте ки меҳмон аз автовокзали шаҳр то чорраҳаи "Равшан" бо автомашина мегузарад, аз тамбаи автомашинаҳо, қоидаи бехатарии роҳро риоя накардани ронандаҳо ва пиёдагардҳо норозҳат мешавад.

Солҳост, ки ин проблема аз тарафи мақомоти дахлдори шаҳр ҳалли худро намеёбад. Яке аз қоидаҳои шаҳрдорӣ ин саривақт ҷамъоварӣ ва кашонидани партовҳо мебошад. Мутаассифона ин масъала фақат дар кӯчаҳои марказиии шаҳр дар рӯзҳои ҷашнҳо ҳалли худро меёбад.

Имрӯз агар ба ин масъала назар андозем, партовҳо дар кӯчаҳои шаҳр дар қуттиҳои махсус ҷамъоварӣ шуда, сари чанд вақт ба воситаи автомашинаи махсус ё тележкаҳо ба партовгоҳи шаҳрӣ кашонида мешаванд. Қисми зиёди қуттиҳои партовҷамъкунӣ дар сари роҳи кӯчаҳо монда шуда, қуттиҳо дар натиҷаи истифодаи солҳои тӯлонӣ сӯрох ва шикастагӣ мебошанд.

Мутасаддиёни соҳаи коммуналӣ роҳи "дурусти" истифодаи қуттиҳоро кашф карданд, то ки обҳои ифлоси қуттиҳо қисми мумфарши кӯчаҳоро ифлос накунанд. Қуттиҳоро дар лаби новаҳои обгузар моил ба новаҳо гузаштаанд, ки оби ифлоси қуттиҳо доимо ба новаҳои обгузар мешоранд. Ба ин ихтироъкорӣ нигоҳ накарда, атрофи қуттиҳо дар масофаи то 30 метр аз ҳисоби ифлосиҳои моеъ заҳорак баста, аз бӯи бади он дили роҳгузарон беҳузур мешавад. Баъди холӣ кардани қуттиҳо атрофи онҳо бо хлор безарар гардонида намешавад.

Қуттиҳои партовҷамъкуниро шабу рӯз сагҳои бесоҳиб ва ҳайвонҳои хонагии мардуми шаҳр ҷои дарёфти қути лоямути худ гардониданд. Тавассути онҳо халтаҳо ва салафанҳои пур аз ахлот то нисфи кӯча кашонида мешаванд. Ҳолати партовҳо берун аз кӯчаҳои марказии шаҳр дар маҳаллаҳои аҳолинишин аз ин ҳам ташвишовар аст.

Аз шом то субҳидам аз пули назди шабакаҳои барқи минтақа сар карда то дарвозаи даромадгоҳи шаҳр аз тарси сагҳои дайду роҳи гузар нест. Инаш ҳам ба хайр, дар кӯчаҳои шаҳр мисли даштҳои беодами Олимтой харҳои бесоҳиб пайдо шудаанд, бачаҳо, ки майдончаҳои ҷои бозиашон нест шудаанд, ба харсаворӣ машғуланд. Аҷаб не, ки бачаҳои шаҳрӣ бозии "бузи харакии" деҳотиёнро дар шаҳр эҳё намоянд.

Солҳои 80 - 90 - уми қарни бист хонаҳои бисёрқабатаи шаҳр бо оби нӯшокӣ, оби гарм, газ ва барқ 24 соат пурра таъмин будаанд. Мардуми дар биноҳои баландошёна умр ба сар мебурда аз набудани оби гарм, газ, барқи доимӣ гила надоранд, чунки сабабҳои инро дарк мекунанд. Лекин дар фаслҳои баҳор - тобистон ва нисфи тирамоҳ мардум ҳатто дар ошёнаҳои якум дар соатҳои муайяне, ки мувофиқи ҷадвал об медиҳанд, аз оби нӯшокӣ бенасибанд. Сабабаш дар он аст, ки аз беназоратии корхонаи масъул дар ҳама кӯчаю маҳаллаҳои шаҳр об аз водопроводҳои беҷумак беист ҷорист.

Дар таъмини барқ низ беадолатӣ ҳис карда мешавад. Дар вилояти Хатлон дар ду шаҳр Сарбанд ва Кӯлоб ҳисобкунакҳои кортӣ ҳамчун таҷриба дар баъзе маҳаллаҳо насб карда шудаанд. Месазад, ки дар маҳаллаҳое, ки ҳисобкунакҳои кортӣ насб карда шудаанд, барқ хомӯш карда нашавад, чунки аҳолии ин маҳаллаҳо ҳам қувваи барқро сарфакорона истифода мекунанд, инчунин дар назди шабакаҳои барқи шаҳр ягон дирам қарздор нестанд.

Солҳои пешин дар кӯчаи марказии шаҳр (собиқ кӯчаи Ленин) ҳозира хиёбони И. Сомонӣ аз бозори марказии шаҳр то идораи собиқ "Плодоовощ" ва то охири кӯчаи 1 - уми Май дар ду шафати роҳ дарахтони чинор сабзида, дар гармои тобистон ба шаҳрвандон ҳам соя ва ҳам салқинӣ медод.

Аз чи сабаб бошад, ки оҳиста - оҳиста ин дарахтонро нест карда ба ҷои онҳо фақат дарахтони сӯзанбарг сабзонидаанд, ки ин хоси иқлими гарму маҳалли ҷуғрофии ҷануб нест.

Чароғҳои равшанидиҳандаи кӯчаҳо то дараҷае кӯчаҳои шаҳрро "равшан" мекунанд, ки дили ҳар як меҳмон ва сокини шаҳр аз ин ҳолат торик мешавад.

Қисмати мумфарши кӯчаҳо, ки солҳои охир таъмири асосӣ шуда, инчунин дар ҷашни 2700 - солагии Кӯлоб мумфарш гардида буданд, ҳоли табоҳе доранд. Касе, ки қубури обгузар ё хати барқ гузаронидан хоҳад, бемалол қисми мумфарши роҳро канда, баъди анҷоми кораш ҷои кандаашро бо хок ё сангреза мепӯшонаду бо ҳамин халос.

Оид ба ҳолати автомашинаҳои сабукрав ва микроавтобусҳои мусофиркашони шаҳр, маданияти ронандагони онҳо ҳоҷати гап ҳам нест. Вақте ки дохили онҳо мешавӣ, аз чиркинӣ таъбат хира шуда, аз ҳолати техникии онҳо ба тарсу ваҳм меафтӣ.

Маданияти қисме аз шаҳрвандон то дараҷае паст аст, ки ҳатто дар кӯчаи протоколии шаҳр дар балконҳо тамоми либосҳои шустаи худро барои хушконидан меовезанд.

Хуб мешуд, ки аз шаҳрванди оддӣ, то корманди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр қоидаҳои шаҳрдориро риоя карда, статуси Пойтахти фарҳангии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил эълон гардидани шаҳри Кӯлобро пос дорем.

**Ҳ. АМИРОВ,**
*сокини шаҳри Кӯлоб*


Натиҷаи кори шаҳрдорӣ қаноатбахш нест,
*- изҳор намуд раиси вилоят Д. Гулмаҳмадзода дар қабули шаҳрвандони шаҳри Кӯлоб*

# Нархҳои чархофалак



**ё фоизҳои бемеъёри ошхонаҳо боиси норохатии мизоҷон аст**

### ГОҲЕ ФИКР МЕКУНАМ, КИ ДАСТҲОЕ ДАР ҶАЙБАМ ЧИЗЕ МЕКОБАНД

Дар шаҳри мо пас аз дорухонаю дискфурӯшиҳо чӣ бисёр, ошхонаю тарабхона. Ба даргоҳҳое, ки нарху сатҳи баланди хидматрасонӣ доранд, кордор намешавем. Мавзӯи баҳс ҳамин қаҳвахона, ошхона ва кабобфурӯшиҳои сарироҳӣ аст, ки мову шумоҳои корафтода ҳар нимарӯз ва гоҳе пас аз поёни кор барои шикастани нафсу ором кардани меъда медароем.

Азиз, яке аз дӯстонам бо норохатӣ нақл кард, ки бештари вақт се нафар рафта дар яке аз ошхонаҳо шӯрбо мехӯрдем. Нархи ғизо ҳам бароямон маълуму муайян буд: барои се нафар 33 сомонӣ пардохт мекардем, ки ба ҳар нафаре 11 сомонӣ мерасид.

Рӯзе ба ҳамин ошхона рафтему пешхидмати нав ба мо ғизо овард.

Пас аз хӯрдани ғизо ҳамон пули ҳарвақтаро болои миз гузоштем, вале пешхидмат гуфт, ки 65 сомонӣ мешавад.

Мо ҳайрон ба ӯ менигаристему пешхидмат ба мо. Гумон кардем, ки ҳар чӣ хӯрда будем, ба бадан заҳр шуд.

Нохоста вориди баҳс шудем, мо гуфтему ӯ гуфт. Осори шарм ва хиҷолат дар рӯяш набуд. Иддаояш ин буд, ки "Ман ба шумо хидмат расондам."

Ба бахти мо, соҳиби ошхона, ки моро ҳамчун мизоҷи доимӣ мешинохт ва ҳар бор "салому алейк" мекард, баҳси мову пешхидматро дида наздамон омад. Маъзарат хоста, асли гапро пурсид.

Пас аз он ки аз қазия бохабар шуд, ба пешхидмат гуфт: - Хоҳар, ба худат ҷавоб. Ин ҷо бозор нест, ки ҳар нархе хоҳӣ, гузорӣ.

Баъд аз он ки ба дигар кормандаш дастур дод, бо мо ҳисобӣ кунад бо гила гуфт: - Баъзе аз инҳо одат кардаанд, ки ба нархи таом ба дигар анвои хӯрданӣ боз иловапулӣ гузоранд.

Одаташон шудааст, ки соҳибони ошхона онҳоро ба кор мегиранд, вале маош таъин намекунанд. Аз ин сабаб, ҳар коре хоҳанд, мекунанд. Вале ман вақте ба кор қабул мекунам, мегӯям, ки рӯзи кориат ин қадар ҳақ медиҳам, хоҳӣ биё бо мо кор бикун. Аммо бисёриҳо дигар хел амал мекунанд: пешхидмат пули хӯрокро ҷамъ карда супорад шуд, дигар он тарафашро худаш медонад. Дар ин ҳолат пешхидмат кӯшиш мекунад, ки гап нарасад, масъулияташро ҳам танҳо дар ҳамин мебинад.

Ин соҳибкор хулоса кард:-Аммо чунин тарзи кор оянда надорад. Мизоҷ бояд доимӣ бошад. Бо ин ҷавонзан ҳам чунин қарордод доштем, вале пайхас кардам, аз рӯи одате, ки дар ҷои кори пештараш доштааст, иловапулӣ мегирад. Чанд каси дигар ҳам шикоят карданд.

Мо ҳам дар ҷавоб гуфтем, ки ҳар бор 33 сомонӣ медодем, вазнин набуд, ба ин нарх одат карда будем. Муҳимтар аз ин, медонистем, ки фиреб намехӯрем. Аммо ин зан якбора пули зиёд хост…

Нафари дигаре нақл кард, чизе баҳона шуду рӯзе бо занҳои ҳамкор барои таомхӯрӣ ба қаҳвахонаи "Тоқӣ" (воқеъ дар боғи "Ғалаба"), рафтем. Хӯроки якуму дуюм ва баъзе хӯришҳои дигар хӯрдем. Дар охир 472 сомонӣ ҳисоб кард. Чун ҷои баҳс набуд, 500 сомонӣ дарозаш карда, ба умеди гирифтани бақия нишастам. Аммо он зан фикри бақия доданро надошт. Чун талаб кардам, гуфт, ки "чӣ, боз "сдачи" мегирӣ?"

Баъди ин гап "Ҳаволаат ба Худо" гуфтаму аз ҷо хеста рафтам. Аммо то чанд вақт ҳар боре муомилаи он зан ба ёдам мерасид, дилам ғаш меовард.

### БО ҲАВОЛА БА ХУДО МУШКИЛ ҲАЛ НАМЕШАВАД

Сабаб чист, ки пешхидматҳо ин қадар берӯю бешармона ба ҷайби мо даст меандозанд? Шояд сабаб он аст, ки ғайрирасмӣ ҳам бошад, гирифтани чанд фоиз хидматона иҷозат дода шудааст?

Аммо возеҳ ба назар мерасад, ки ҳаққи хидмат фақат як васила барои ривоҷи фасод, решадор шудани харауҷ мараҷ дар кори бе ин ҳам беназми хидматрасонии ошхонаҳо аст.

Нархи иловагӣ гузоштан ба таомҳо, боло бурдани арзиши нӯшобаю чой ва нон дигар аз воситаи ғорати мардум шудааст.

Як чойник чойи лиму дар гаронтарин тарабхона ҳам 5 сомонӣ асту дар ошхонаи сатҳи миёна ҳам ҳамон нарх.

Дар бозор як кило лиму ба 5-6 сомонӣ поён фаромадааст, вале нархи лимучой ҳамон 5 сомонӣ боқӣ мондааст. Як нон хатман 3 сомонӣ ҳисоб мешавад.

Як хлеби миёнавазнро, ки 1,7 сомонӣ арзиш дорад, чор пора карда, ҳар порааш 1 сомонӣ ба шумо бор мекунанд, ки дар натиҷа корманди ошхона ҳеҷ коре накарда, аз фурӯши як дона хлеб беш аз 2 сомонӣ фоида мегирад. Аз ҳисоби нархи салат ҳам метавонанд мизоҷро осон фиреб кунанд.

### БАРОИ ПЕШГИРӢ АЗ ФИРЕБ ЧӢ БОЯД КАРД?

Ба низоми ошхонадорӣ бояд таҷдиди назар шавад. Агар хоҳем, ки барабари ҳар чумча хӯроке, ки тановул мекунем, фиреб ҳам нахӯрем ва дастони ифлоси бегонаро аз ҷайби худ дур нигоҳ дорем, бояд тарзи дурусту муносиби нархгузорӣ ва хидматрасониро дар амал ҷорӣ намоем.

Барои ин кор ҳеҷ ихтирое лозим нест, балки аз ҳамон таҷрибаи хориҷиён, ки акнун дар бахши тарабхонаву ошхонаҳои кишварамон амал мекунад, бояд истифода барем.

Чанд сол аст, ки дар шаҳри Душанбе шабакаи ошхонаҳои туркии "Мерве" бо муваффақият фаъолият пеш мебарад. Сатҳи хидматрасонӣ дар ин ошхонаҳо аз он чӣ, ки ба мо дар ошхонаҳои ба ном миллӣ пешниҳод мекунанд, хеле баланд аст.

Тарзи кори ин ошхонаҳо ҳам дигар аст: пас аз он ки шумо ҷой интихоб карда нишастед, пешхидмат меояд ва дар асоси китобчаи анвои хӯрокҳо хостаи шуморо қабул мекунад.

Ором, бенозунуз ва муаддабона. Вақте ки хӯрокро хӯрдед, чеки фармудаоятонро ба шумо медиҳад ва худатон пулро бурда ба хазинадор , ки дар мизи назди дар мешинад, месупоред. Ҳисоб дар ин ошхонаҳо дар дасти як нафар аст ва ин нафар соҳиби ошхона буда, албатта хостори он аст, ки ба мизоҷ ҷабр накунад, то ки боиси фирору ҳазар карданаш нашавад ва ҳар нафари як бор аз хидмати онҳо баҳравар шуда, вақте шикамаш боз табли гуруснагӣ мезанад , бе дудилагӣ ба ин даргоҳ ояд. Ҳаққи кормандони ин ошхонаҳоро худи масъулони коргоҳ пардохт мекунанд.

Дар тарабхонаҳои эронии Душанбе ҳам ин низом амал мекунад. На касе бо касе даъво мекунаду на касе аз касе меранҷад. Аммо чӣ мушкилӣ ва ё чӣ чизе монеа аст, ки ин шеваи корро мо ҳам васеъ истифода намекунем?

### "СИХКАБОБИ ХУҶАНД" ВА УСЛУБИ НАВИ КОР

Ҳамаи кабобфурӯшиҳои зери ин ном фаъолиятдоштаро дар назар надорам. Аз рӯи мушоҳида танҳо дар мавриди ҳамонҳое мегӯям, ки ману ҳамкорон аз дурустии кору муомилаашон бо мардум гувоҳӣ дода метавонем. Чанде аз чунин кабобфурӯшиҳо дар чорроҳаи Бемористони воқеъ дар маҳаллаи Якуми Совет фаъолият мекунанд. Яке бе пардохти фоизи хидмат кор мекунад ва дигаре аз як миз танҳо як сомонӣ хидматона мегирад.

Дар ин кабобфурӯшиҳо ҳам ҳаққи кори пешхидматро худи соҳибонашон медиҳанд. Дар ин ҷо шумо фармоиш медиҳед, пешхидмат фармудаатонро меорад. Вақте дархости ҳисоб мекунед, чеки фармудаҳоятонро ба дастатон дода мегӯяд, ки назди баромадгоҳ ба хазинадор пардохт намоед.

Оддӣ, содда ва бе найранг. Мизоҷон кам нестанд, вале низом, ки ҳаст, касе маблағро напардохта гузашта намеравад.

Наимҷон, яке аз соҳибкорони хуҷандӣ, ки бар иловаи фурӯшгоҳи дар ин ҷо доштааш боз дар чанд маҳали дигари шаҳр низ кабобфурӯшиҳо кушодааст, мегӯяд: - Чанде пеш ошхонаеро дар сари кӯчаи Яккачинор ба иҷора гирифтем. Ба пешхидматҳое, ки то омадани мо ин ҷо кор мекарданд, пешниҳод намудам, ки рӯзи кориатон 40 сомонӣ ва бо мо корро давом диҳед, розӣ нашуданд.

Иддаояшон ин буд, ки ин маблағ барояшон кам аст ва бо мизоҷ бояд худашон ҳаққи ҳисобӣ карданро дошта бошанд. Аммо ин шартгузорӣ ба ман маъқул нашуд, чунки созгори тарзи кори мо нест. Аз таҷриба медонам, ки хӯроки пухтаи шумо ҳар қадар бомаза ҳам бошад, дар сурати танзим набудани пардохти ҳаққи хӯрок мизоҷҳои доимиро ҷамъ карда наметавонед. Мо ба шакли нави хидматрасонӣ ба Душанбе омадаем ва сабаби пешрафти корамонро ҳам дар ҳамин шаффофияти фаъолияти худ медонем.

Аз дигар навгониҳои кабобфурӯшиҳое, ки Наимҷон дар шаҳри Душанбе дорад, ин аст, ки лимучой бо тафовут аз дигар ошхонаҳо бо арзиши 2 сомонӣ ба мизоҷон пешниҳод мегардад. Назди оби дастшӯӣ, собун ва дастпок гузошта шудааст.

Хидмат ба мизоҷ ва ҳақ гирифтан дар давроии Шӯравӣ танҳо дар ресторанҳо ва баъзе ошхонаҳо ҳам буд ва ин одату тарзи кори номақбул аз он даврон ба имрӯз ба мерос монда ва мутаассифона бо тобиши бештар манфӣ паҳн шудааст.

Ҳоло фурсат расидааст, ки мақомоти Кумитаи андоз, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала таваҷҷуҳ кунанд ва барои танзими фаъолияти ошхонаҳо иқдомоти лозимро амалӣ созанд. Чунки тибқи қонунгузорӣ ҳар нуқтаи фурӯш мошини ҳисобу шароити пардохти чек ба мизоҷ бояд дошта бошад, вале тавре медонем, ошхонаҳои мо бинобар дар ихтиёри пешхидмат гузоштани ҳаққи дарёфти маблағ ин шароитро барои мизоҷони худ муҳайё накардаанд.

### ОЁ ДОДАНИ ЧОЙПУЛӢ БА ПЕШХИДМАТ ҲАТМИСТ?

Дар баъзе аз кишварҳо чунин як амал гоҳе ҳатмӣ ва дар бархе аз кишварҳо ихтиёрӣ аст. Аммо ба ҳар сурат ин иқдоме аст, ки барои хидмати хуб анҷом мегирад ва ҳамчун нишонаи ризоияти мизоҷ аз тарзи кори хидматгузор донista мешавад.

Ҳаҷми пардохт ҳам ҳар хел пешбинӣ шудааст. Аммо маъмулан 5,7,10 дарсад аз маблағи ғизои истеъмолкардаи мизоҷ пардохт мешавад. Дар ошхонаҳои Тоҷикистон ҳам андозаи то 10 дарсадӣ бештар дар варақаи анвои хӯрокҳо навишта мешавад, вале чӣ қадар аз шумо меситонанд, ба инсофи худи пешхидматҳо вобаста аст.

Дар ҷаҳон кишварҳое ҳам зиёданд, ки ин одат ҷой надорад ва дар сурати ошкор шудани мавриди талаб ва гирифтани пули довталабона пешниҳоднамуда аз мизоҷ пешхидмат аз кор ронда мешавад.

Масалан, дар Хитой, ки ҳамсояи мост, чунин чизе вуҷуд надорад. Дар Японияву Корея шумо ҳаққи хидматрасониро якҷо бо арзиши хӯрок дар хазина ё дар мошин - автоматҳо месупоред. Аммо ҳоло ки мо ин одатро қабул кардаем, бояд коре кунем, ки шеваи пардохти ҳаққи хидмат барои мизоҷон вазнин набошад. Дастҳои бегона ҷайби ҳар мизоҷро накобанд. Дар ошхона коми мову шумо лаззати хӯрокро бинад, на талхии фиребро. Намегӯем, ки ҳама чиз олӣ бошад, мехоҳем, ки оддитарин шеваи хидматрасонӣ риоя ва ҷорӣ шавад.

**Солеҳ ЮСУФОВ**

# ҲАЗРАТИ МӮСО КӢ БУД?

## *ВА Ё ОЛИМОН ФАРЗИЯҲОИ НАВИ РИВОЯТИ МАШҲУРИ ДИНИРО ПЕШНИҲОД МЕКУНАНД*

**Таърихи инсоният аз ҳаводиси асроромез моломол аст, ки имрӯз тахайюлоти насли муосирро ҳангоми пажӯҳиши онҳо ба дуриҳои дур мебарад, ки ҳамакнун баъд аз гузашти қарнҳо асотирро аз воқеият ҷудо намудан аз амалест мушкил ва пажӯҳишгаронро ба чанд ҷабҳаи мухолифназар ҷудо намудааст, ки дар маънидод намудани аслияти таърихӣ дар саддҳои муқобил қарор гирифтаанд. Ин ҷо мо мехоҳем оид ба ҳодисоти ҳайратовари таърихӣ силсилаи маводҳоро манзури хонандагон намоем, ки хеле ҷолиб ҳастанд.**

Ҳамаи Шумо кишвари Миср-ро медонед. Бо ба забон овардани номи ин кишвари таърихӣ, ки дар илми таърих ҳамчун яке аз "гаҳвораҳои тамаддуни башарият" зикр мешавад, пеши назари кас ҳатман "аҳром"-ҳо-марқади шоҳони қадимии мисрӣ-фиръавнҳо ҷилвагар мешаванд. Бале, ҳамон "фиръавнҳо"-е, ки пайваста аз ҷониби рӯҳонияти мо мавриди таънаву маломат қарор мегиранд. Хуб ин ҷо ман иштибоҳ кардам- рӯҳонияти мо аслан на ҳама фиръавнҳоро медонад, ҳатто қисми ғолиби онҳо итминон доранд, ки фиръавн якто буд-ҳамоне, ки Мӯсоро бо қавми яҳуд аз Миср пеш кард. Ман замоне ба бархе аз рӯҳониён суол дода будам, ки дар ҳамон "қазия"-и машҳур ("депортатсия"-и яҳудиён аз Миср) кадом фиръавн инони раҳбарии Мисрро дошт, онҳо ҳайратовар ба ман нигоҳ карда буданд ва баъзе бо кароҳат ҷавоб доданд: "Магар фиръавн 10-то буд? Албатта, фиръавни лаъин, макони абадиаш ҷаҳаннам бод, якто буду Худованд ӯро ба сазои аъмолаш расонид!" Гуфтам, ки Хуфу, Хеопс, Рамсесҳову Тутанхамонҳо, Эхнатон (Аменхотеп. Ин фиръавн достони ҷолиб дошт), Аменхотепҳо буданд, ҳатто фиръавнҳои дорои номи ба тоҷикон "гӯшнавоз"-и Яхмос, фиръавни зан ҳам буд-Хатшепсут. Ҳамон "фиръавни лаъине", ки "нишаста буд бар тахти заррин", дар он ҳангом, ки "Мӯсо аз Худо нони ҷавин металабид", тибқи исноди бархе аз олимони забардасти улуми таърих ва такя бар асноди маъхазҳои то ин замон ба даст расидаи таърихӣ бар гумони ғолиб **Рамсеси 2** (1279-1213 то милод) будааст. Рамсеси 2-шоҳи саввуми сулолаи 19, писари фиръавн Сети 1 ва шаҳбону Туйи, қариб 70 сол ҳукмронӣ намудааст. Ба исрори бостоншиносон, қадимтарин созишномаи сулҳи таърихие, ки имрӯз ба дасти мо расидааст, созишномаи дар санг ҳаккокишудаи миёни Рамсеси Бузург ва шоҳи халқияти қадимии "хетт"-ҳо Хаттусили 3 аст, ки баъд аз чанд соли набарди машҳури Кадеш-набарди "ҳазор аробаи ҷангӣ" (соли 1294 то милод, макони ҳодиса-Сурия) миёни тарафҳои даргир баста шуд. Матни созишнома, ки саравввал бо хати мехӣ дар лавҳаи нуқрагин навишта шуд, баъдан ба забони мисрӣ тарҷума шуда, дар девораҳои **Карнак** ва **Рамессеум** ҳаккокӣ шуд, ки имрӯз ҷаҳониёнро ба ваҷд меорад.

Рамсеси 2 кишварро аз лиҳози ҳарбӣ муқтадир намуд ва флоти баҳрӣ таъсис дод. Нисфи ҳукмронии ӯ дар ҷангҳо алайҳи кишварҳои дигар гузаштааст. Аммо ӯ на танҳо фиръавни ҷанговар, балки ҳокими ободкор низ буд. Тахти султаи ӯ ҳудудҳои Миср васеъ гардида, олимон ин замонро аз беҳтарин давраҳои нашъунамои тамаддуни мисрӣ ҳисоб мекунанд. Дар замони ӯ дурдонаҳои зиёди меъморӣ, аз қабили маъбадҳои дар дохили кӯҳ бунёдшудаи Нубия-**Абу Симбел** ва дигар осори гаронбаҳои таърихӣ ва иншооти гуногунтаъинот, ки иқтидори кишварро афзун мекарданд, сохта шуданд. Барои бунёди шаҳрҳо дар резишгоҳи Нил, дар **замини Ҳассум**, ки кӯчиёни яҳудӣ садҳо сол инҷониб чорво мечарониданд, ҳазорҳо дасти корӣ лозим буд. Тибқи ривоёти маъмул, Рамсеси Бузург ин халқи ваҳшии кӯчиро ба ғулом табдил дод. Боби "Муҳоҷират"-и Инҷил дар ин бобат ифшо мекунад: ***"Ва ба сари ӯ (қавми яҳуд) ҳазорҳо сардор монданд, то ин ки бо корҳои тоқатфарсо азияташ бидиҳанд. Ва ӯ (қавми яҳуд) барои фиръавн шаҳрҳои Пифом ва Раамсесро сохт".***

Чуноне пажӯҳишгар Елена Уайт менависад, "яҳудиён ба таври таҳдидовар афзун мегаштанд (таваллуди зиёд, ки хоси қабоили пастфарҳанги кӯчист) ва афзоиши бемайлони онҳо ташвиши мардуми маҳаллӣ ва фиръавнро меовард, чун ба ақидаи онҳо, ин мардуми хиёнатпешаи кӯчӣ метавонист дар лаҳзаҳои душвор бо душманони Миср муттаҳид бигардад. Аммо барои пеш накардани онҳо асосҳои дигари ҷиддӣ низ буданд-миёни ин қавм ашхоси боистеъдод ҳам вомехӯрданд, ки метавонистанд барои тараққиёти кишвар ҳисса гузоранд. Ғайр аз ин, барои бунёди иншооти бузург барои Рамсес қувваи корӣ лозим буд ва такя ба ин, ӯ ҳуқуқҳои яҳудиёну мисриҳои бумиро баробар намуд, ки мӯҷиби норозигии охириҳо низ гардид". Аммо тибқи ривоёти динии яҳудиён, шумораи "мардуми баргузидаи Худо" зиёд шуд ва фиръавн фармон дод, ки тамоми атфоли ҷинси марди навтавлидшудаи яҳудӣ дар дарёи Нил ғарқ карда шаванд. **Чуноне Таврот менигорад, "дар он замон дар хонаводаи Амрон фарзанде тавлид шуд, ки ӯро Мӯсо номиданд. Дигар имкони пинҳон намудани ӯро наёфта, модараш Мӯсоро дар сабаде назди Нил мегузорад ва тифлро духтари фиръавн, ки барои оббозӣ омада буд, меёбад".** Тахминҳо вуҷуд доранд, ки ин шаҳдухтар **Термутис,** духтари Рамсеси 2 ва ё **Хатшепсут,** духтари фиръавн Тутмоси 1, маликаи машҳури сулолаи 18-и Миср, нахустин фиръавн-зан будааст. Хуб, касе набошад, ба гумонам мо то ба охир инро натавонем фаҳмид, чун девори ғафси қарнҳои гузашта моро аз ин ҳаводис ҷудо кардаву акнун ривоёти бофтаро аз воқеоти таърихӣ ҷудо намудан мушкил аст…

Инак, воқеияти ҳаводиси он даврони куҳан чӣ гуна будааст? Ривоёти бисёр маъруфу паҳншуда мавҷуд аст: "Ҳангоми кӯдакӣ Мусо, ки дар дастони Рамсеси 2 қарор дошт, тоҷи ӯро аз сар гирифта, ба сари худ ниҳод. Фиръавн инро фоли бад донист ва хирадмандонро ба пеши худ хонда, аз онҳо машварат хост. Хирадмандон тасдиқ карданд, ки ин тифл барои фиръавн ва хонадони ӯ хатар эҷод хоҳад кард. Барои исботи "хатарнокӣ"-и кӯдак пеши ӯ ду табақ-яке бо тилло, дигаре бо ангишти сӯзон гузоштанд. Кӯдак хост даст ба тилло бубарад, аммо фаришта Ҷабраил дасти ӯро сӯи табақи ангишт равона сохт. Мӯсо яке аз ангиштпораҳои сӯзонро ба даҳони худ андохт ва бо ҳамин сабаб забони ӯ то охири ҳаёташ лакнатдор шуд". Ирина Хотина, олими рус менависад, ки маҳз дар ҳамин ҷо калиди ифшои асрори ҳаводисеро, ки баъдан бо Мӯсо рух доданд, бояд ҷуст.

Духтари фиръавн дар ҳақиқат писархонде (Мӯсо)-ро тарбият мекард, ки аз ӯ… падари ҳоким , яъне худи фиръавн (!!!) даст кашида буд! Ва ҳамин воқеаи бофташудаи ёфтани кӯдак дар сабад (ки аз дигар маданиятҳо гирифта шудааст) назди дарёи Нил бо мақсади наҷоти кӯдак ва пешгирии даст ёфтани ӯ ба тахти шоҳи будааст?!



Дар ин сурат, мегӯянд таҳлилгарон, ҳеҷ як ривоят вуҷуд надорад. Оре, чунин шахс таърихан вуҷуд доштааст, ки яҳудиёнро аз Миср баровард ва дар бадани ӯ…хуни фиръавнҳо ҷорӣ буд ва ин сабаби сиёсӣ доштаву баъдан бо ривоёту ақидатҳои динӣ махлут шуда…

Ин ҷо бояд зикр намуд, ки тақрибан 50 сол пеш аз ҳукмронии Рамсес фиръавн Эхнатон (Аменхотеп) инони раҳбарии кишварро дошт ва мавсуф тамоми худоёни қадимаи мисриро-Сет, Гор, Осирис, Анубису монанд ба инҳоро ба нестӣ бурду мардумро маҷбур сохт ба Худои Ягона-Атон (Офтоб. Меҳри ориёии мо) саҷда кунанд. Ӯ номи худро аз Аменхотеп ба Эхнатон иваз намуд ва пойтахтро низ нав кард-шаҳре бунёд гузошт бо номи Ахетатон-"шаҳри Атон" ва онро пойтахт эълон намуд. Рамсеси 2 ва пешгузаштагонаш мардумро боз ба дини аҷдодон баргардониданд ва худоёни пантеони мисрӣ аз нав ҷойгоҳи худро соҳиб шуданд. Дар ҳама ҷой аксу ёдгориҳои Эхнатон ва ҳамсари ӯ Нефертити хароб карда мешуданд. Олимон фарзия пеш меоранд, ки шаҳзода-писари Рамсес, ки баъдан бо исми Паямбар Мӯсо машҳур гардид, мумкин ба ин ҷараёни монотеистии он замон оппозитсионӣ (ки ҷанбаи сиёсӣ низ дошт-ба даст овардани ҳокимият ва барҳам задани институти муқтадири коҳинон) ҳамроҳ гардид, ки хашми падари муқтадирашро овард. Маълум аст, ки таълимот оид ба Офаридгори Ягона он вақт паҳн шуда буд. Баъдан Мӯсо онро ба яҳудиёни ғулом таълим дод ва онҳо онро ба таври худ навишта, ҷузъиёташро тағйир доданд, аммо маънои аслиашро маҳфуз нигаҳ доштанд. Яъне, иддао доранд олимон, Атон ва Худо (Яҳуво)-и яҳудиён метавонанд решаи тавъам дошта бошанд.

**Зигмунд Фрейд** иддао мекард, ки "Мӯсо мисрие буд, ки дар симои он ҳамеша яҳудиро дидан мехостанд". Бо исрори таърихнигори қадим **Иосиф Флавий**, "падарбузурги (бобои) **Месу** (Мӯсо) **Рамесу 2** (Рамсеси 2) буд ва Месу аз тамоми ҷузъиёт ва раҳбарии кишвар баҳравар буд". Иосиф Флавий менигорад, ки "Месу артиши мисриро алайҳи ҳабашиҳо (эфиопҳо) сарварӣ намуда, онҳоро шикаст дод ва бо шоҳдухтари ҳабашӣ хонадор шуд. Мисриён ба ӯ нафрат варзиданд ва тарсиданд, ки Месу (Мӯсо) табаддулоти давлатӣ карданист. Фиръавн низ аз ин хавотир буд ва нақша дошт Месуро маҳв созад. Инро фаҳмида, Месу фирор намуд". Чуноне аз Инҷил бармеояд, Мӯсо аз шиддати хашм назоратчии мисриеро ба қатл расонд, ки бо ғуломони яҳудӣ бераҳмона рафтор мекард ва ***"аз фиръавн фирор намуда, дар замини Мадиам қарор гирифт".*** (Инҷил. Боби "Муҳоҷират"). Ӯ баъди ба сари ҳокимият омадани фиръавн Мернептах ба Миср баргашт. Агар ба иддаои олимон Мӯсо (Месу) набера ва ё фарзанди фиръавн Рамсеси 2 буд, пас марги ӯ барои соҳиби тахт шудан шароити мусоидро фароҳам меовард. Аммо даъвати Худоро пазируфта, ӯ аз фиръавн тақозо намуд, ки қавми яҳудро иҷозати берун шудан аз Миср бидиҳад. Баъдан оғоз гардид саргузашти машҳури ӯ бо баровардани қавми Исроил аз Миср, ки дар китобҳои муқаддас дарҷ гашта… Акнун олимон сари фикри он ки "Месу кӣ буд? Писар ё набераи Рамсеси 2 Бузург?" "майна об карда истодаанд". Сипас, ба гуфтаи онҳо, таъқиби фирориёни яҳуд мумкин аст аз ҷониби яке аз писарони ӯ- Аменхерхепешеф ва ё Мернептах сурат гирифта буд, чун ба гумон аст, ки ғуломон, ҳарчанд мусаллаҳу шумораи бузург дошта бошанд ҳам, аз дасти чунин лашкаркаш ва ҷанговари моҳире чун Рамсеси 2 Бузург ҷон ба саломат бурда метавонистанд…

*(Давом дорад)*

**Азамат ДӮСТОВ**

***Баъди нашри мақолаи "Мушкилоте, ки ба генофонди миллӣ таъсир мерасонад? Ва ё бемории мардум ба манфиати кист?" ("Минбари халқ" №49 (1028), 2 декабри соли 2015) нафарони зиёде ба идораи ҳафтанома занг зада, мушоҳидаҳояшонро атрофи ин масъала баён ва муаллифро ҷонибдорӣ мекунанд. Лозим ба ёдоварист, ки мақолаи мазкур бештар дарди мардуми Исфараро ифода кардааст. Вақте ки номаҳои хонандагонро варақ мезадем, ба андешаи ду нафар сокини ин шаҳр шинос шудем. Маълум аст, ки онҳо нисбати солимии миллат бетараф нестанд.***

# БА ТАҚДИРИ МАРДУМ БОЗӢ НАКУНЕМ

Вақте мақолаи рӯзноманигори варзида Ҳуринисо Ализодаро дар нашрияи "Минбари халқ" хондам, ҳамоно ба андешае омадам, ки дар ин мавзӯи ниҳоят мубрам банда низ далелу мушоҳидаҳое доштам, вале навиштану пешниҳоди мардум гардонидани он ба таъхир меафтод.

Офарини Ализода бод, ки бо ҷуръату ҷасорати ба рӯзноманигорон касбӣ хос аз боби соҳае мардонаву бодардона сухан мегӯяд, ки тақдири имрӯзу фардои ҳаёти давлату миллат ба фаъолияту масъулияти он иртиботи хеле қавӣ дорад.

Тавре Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст: "Солимии миллат ин солимии давлат аст". Вале ба назар мерасад, ки табибони мо ин ҳидояти дилсӯзонаи Сарвари кишварро на шунидаанду на шунидан мехоҳанд. Яъне, мақоли маъмулии "Худам шоҳу табъам вазир" шиори ҳамешагии бархе аз шифокорони бешафоат гардида, дигар гуфтаи "Табиби ман-ҳабиби ман" маънои аслии худро аз даст додааст. Акнун табибони мо ҳабибони маризони пулдор ва ё хешу табори кисағафси онҳо гаштаанд.

Хусусан масъалаи доруновисии духтурону доруфурӯшии "аптекачиҳо" хеле ташвишовар ва изтиробангез ҳам ҳаст. Ин ду тоифаи мардум забон як карда, барои соҳиб шудан ба пули бедардимиён чи корҳое намекунанд. Имрӯз ҳар духтур бо доруфурӯшон "шартнома"-и пинҳонӣ бастаасту бемори бечора илоҷе надорад ба ҷуз он ки танҳо аз ҳамон дорухонаи духтур тавсия намуда дору харидорӣ кунад. Зеро бар ивази "клиент"-ҳои фиристода духтур аз доруфурӯш ҳар моҳ ҳаққи хизмат мегирад. Ду ҷониб ба фоидаи худ кор мекунанду ба сифату муҳлати доруҳо парвое надоранд.

Ҳодисаҳое ҳастанд, ки духтур як намуди доруро чанд бор мефармояд ва наздикони бемор аз он дорухонаи "худӣ"-и табиб онро бо нархи дандоншикан дастрас мекунанд. Баъдан онҳо ба як кунҷи қуттии дору ишорахат гузошта, муайян менамоянд, ки ин «доруро онҳо ду-се борӣ харидаанд. Яъне духтури беинсофи баднафс доруро бардурӯғ истифода кардем», - гӯён онро бозпас ба аптекачӣ бармегардонад.

Чунин "бизнес"-и духтурону доруфурӯшон қариб дар ҳамаи бемористонҳо вомехӯранд.

Гапро ба дарозо намебарем, фақат умедворем курсинишинони Вазорати тандурустӣ мақолаи дарҷшударо бодиққат ва бо масъулият хонда, хуб таҳлилу андеша менамоянд, ки оё соҳаи тандурустӣ воқеан ҳам баҳри ҳифзу беҳдошти тансиҳатии миллат софдилонаю содиқона кор карда истодааст ё не? Ё ин соҳа дар ҳақиқат зери назорати онҳо қарор гирифтааст?

Шояд мақолаи Ҳуринисо Ализода сабаб гардаду тамоми бемористонҳо ва дӯконҳои бешумори доруфурӯшӣ ва доруфурӯшони касбиву хасакӣ ба санҷишу тафтиши ҳаматарафаи мутахассисони кордону болаёқат ва ғамхору дилсӯзи халқу миллат фаро гирифта шаванд, то ҳам табибон ва ҳам доруфурӯшон дигар ба хотири айшу ишрати як-ду рӯзаи худ бо тақдиру солимии ҳашт миллион ҳамватанони мо бозӣ накунанд.

**МО ИНТИЗОР МЕШАВЕМ!**

**Ориёнфари ИСФАРАНГӢ**


МУШКИЛОТЕ, КИ БА ГЕНОФОНДИ МИЛЛӢ ТАЪСИР МЕРАСОНАД
ВА Ё БЕМОРИИ МАРДУМ БА МАНФИАТИ КИСТ?

# ТО КАЙ САРИ КАФИДА ЗЕРИ ТОҚӢ?

Воқеан ҳам фурӯши доруҳо ва таъсири онҳо ба организм аз он мавзӯъҳое мебошад, ки касро бетараф намегузорад. Дар ин самт масъалагузории рӯзноманигор Ҳуриннисо Ализода дар ҳафтавори "Минбари халқ", № 49, аз 2 декабри соли 2015 дуруст ва саривақтист. Баъди хондани мавод гумон кардам, ки муаллиф гӯё дар ҳамсоягии мо зиндагӣ мекунаду дарди моро навиштааст. Яъне ба ибораи дигар, ҳолат дар самти дорувор ва назорати он дар ҳамаи гӯшаҳои Тоҷикистон яксон аст ва ба гуфти халқ "хурӯс дар ҳама ҷо як хела ҷеғ мезанад". Дору моли савдо шудаасту табиб ва доруфурӯш савдогар, бемор харидор ва харидори чандинкарата. Ҳолатеро бароятон мисол меорам, ки чанде пеш дар беморхона бо ман рӯй дода буд:

Яке аз пайвандони наздикам бемор шуда, бистарӣ гардид. Ба назди духтури табобаткунандааш рафта гуфтугузор намудам, то доруҳои заруриро орам. Духтур ба ман чанд доруеро бо хати каҷмакилебаш навишт, ки ба ҷуз ӯ дигаре хонда наметавонист. Дорухатро ба дастам дода, ба ман суроғаи дорухонаеро нишон дод, ки аз он ҷо ин доруҳоро дарёфт карданам мумкин аст. Сиҳатмандии пайвандам аз ҳама чиз қиматтар гуфта, доруҳоро аз ҷойи таъиншуда харидорӣ кардам. Барои хотири ҷамъи худ ба қуттиҳои дору ишорае гузоштам.

Баъди ду рӯз табиб боз маро даъват карда, харидории доруҳоро таъкид кард. Чун одат аз ҳамон дорухона доруи фармударо харидорӣ намудам. Вақти синчакорона дидани қуттии доруҳо ишораи гузоштаи худро дидам. Лекин мабодо духтур ба пайванди ман муносибати носоз накунад гӯён "сари кафида зери тоқӣ беҳ" гуфтагӣ барин хомӯширо авло донистам.

Ана ҳамин тавр, доруфурӯшӣ ва дорухарӣ бо нишондоди баъзе духтурон дар дорухонаҳои таъкидмекардаашон ба ҷуз «бизнес» чизи дигаре набудааст. Ин масъала низ дар қатори кӯҳна ва ғайриқобили қабул будани доруҳо низ басе ташвишовар мебошад.

Дар масъалаи сатҳу сифати касбии доруфурӯшон ҳоҷати гап кушодан нест. На ҳамеша ва дар ҳама ҷо доруфурӯшон соҳибтахассус ҳастанд. Тахассуси онҳо танҳо дар писари ва ё хешу табори духтур будану таҷриба доштанашон ва ё дар маҷмӯъ соҳиби маълумоти тиббӣ буданашон аён мешаваду бас. Дар ҳоле, ки дар масъалаи доруворӣ танҳо фарматсевт масъул мебошад.

Биноан хуб мешуд, масъулини Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо вокуниш нишон додан ба маводи ҳафтанома маҳдуд нашуда, балки вазъро амалан месанҷиданду мӯйро аз хамир ҷудо мекарданд. Дар баробари сифату қурби нерӯи доруҳо, асл ва ё сохта будани онҳо, ба сатҳи тахассусии доруфурӯшону ҳалқапайвандии онҳо бо духтурон диққати ҷиддӣ медоданд. Зеро генофонди миллат аз доруфурӯшу духтур низ вобастагии калон дорад.

**Муқсидҷон САТТОРОВ,**
*сокини шаҳри Исфара*

**Акси садо**

# *ТАҶЛИЛИ СОЛИ НАВ ЧӢ БАДӢ ДОРАД?*

**Кайҳост, ки мехостам, дар бораи таҷлили Соли нави милод маводе ба қалам диҳаму фикру мулоҳизаҳоямро оид ба баъзе аз зуҳуроти номатлуби марбут ба ҷашни ин сана баён созам. Мутолиаи мақолаи олими варзида Абдувоҳид Шамолов таҳти унвони "Соли нав аз ойини митроист", ки дар шумораи охирони соли 2015-и "Минбари халқ" маро водор сохт, ки қалам ба даст гирам.**

***Воқеан ҳам, барои камина навгонӣ аст, ки таҷлили Соли нав ойини ниёгони мо буда, солҳои минбаъд насрониҳо онро азони худ кардаанд. Исботи олим муҳрест ба даҳони онҳое, ки Соли навро "моли насрониҳо" ҳисобида, онро ҷашн намегиранд.***

***Ҳамин тариқ, чанд соли охир ба мушоҳида мерасад, ки қисме аз мардуми мусалмони мо ҷашни Соли нав ва иди Наврӯзро мавриди танқид қарор дода, даъво доранд, ки ин идҳо аз Ислом нест. Андешаи уламои дин дар ин бобат чӣ гуна аст? Дар зер овардани андешаҳои раиси Шӯрои уламои дини вилояти Суғд, номзади илмҳои филологӣ Ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозодаро бамаврид меҳисобем:***

***- Дар ҳақиқат чанд сол инҷониб ҷашн гирифтани Соли нав ва Иди Наврӯз аз ҷониби баъзе ходимони дин мавриди интиқод қарор дода шуда, чунин муаррифӣ мешавад, ки гӯё ин идҳо аз Ислом нестанд. Ҳол он ки аввалан бояд дар назар дошт, ки мардум Соли навро ҳамчун иди динӣ ё мазҳабӣ ҷашн намегиранд, балки Соли нав барои мо фарорасии зимистон, хурсандии кӯдакон, ҷамъбаст ва падруди соли куҳан аст. Инчунин бояд дар назар дошт, ки мо дар давлати демократӣ зиндагӣ дорем ва солшумории мо на ҳиҷрӣ, балки мелодист…***

***Марбут ба оростани арча низ "ходимони навбаромад"-и дин фикру ақидаҳои барғалатро байни мардум таҳмил мекунанд, ки гӯё он бутпарастӣ бошад. Дар соли нав арча ба он хотир оро дода мешавад, ки мувофиқи баъзе сарчашмаҳои масеҳӣ Ҳазрати Исо (а) дар зери он таваллуд шудааст. Ин масъала дар Қуръони Карим дар сураи Марям, оятҳои 24 ва 26 низ баён гардидааст.***

***Мутаассифона, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе ба ном "пайравони дини Ислом" дар байни мардум ҷудоӣ андохта, ташвиқ ба он доранд, ки ҷашнгирии Соли нав ва Иди Наврӯз ширку куфр мебошад. Чунин афрод ба ин васила мехоҳанд "донишмандӣ"-и худро нишон диҳанд, ки онҳо ғамхор ва пуштибони дини исломанд. Дар натиҷа байни мардум нофаҳмӣ ва нигарониҳо пайдо шуда, одамон дудила мешаванд, баҳсҳо доир мегардад. Кор ба ҷое расид, ки чанд сол пеш дар натиҷаи чунин "фатвоҳо" ҷавоне, ки либоси Бобои барфиро ба бар карда буд, кушта шуд. Ё ин ки як ҷавони ҳамсоя ҷашнгирии Соли навро ба падар манъ карда, ҳатто таъкид кардааст, ки "гунаҳкор мешавед". Пас ин гуна фаъолияти беандешонаи ба ном ходимони динро чӣ тавр арзёбӣ кардан мумкин аст? Дини ҳақиқии Ислом дар ин бора чӣ мегӯяд? Посухи ин суолро мо боз ҳам аз ҳамсуҳбати худ ҷӯё шудем.***

***-Чунин одамони бефарҳанг на танҳо аз асли дин бехабаранд, балки худашон одамони бефаросатанд, на зиндагии тинҷу ором доранд, на фарзандонашон боодоб ҳастанд,- гуфт Ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода, -дар хонадонашон ғурбату парокандагӣ, фақру бенавоӣ ҳукмрон асту аммо дар байни мардум худро олими доно муаррифӣ мекунанд. Аз ин рӯ, ба чунин "фатводиҳандагон" муроҷиат мекунем, ки дониставу надониста мардумро ба тафриқа водор накунанд…***

***Ба ақидаи ҳамсуҳбати мо бар хилофи масеҳиён бисёр пайравони дини исломанд, ки на танҳо осори Ҳазрати Муҳаммад (с), балки тамоми фармудаҳо ва суннатҳои ӯро пеши по мезананд. Ҷангиёни Давлати ба ном исломӣ, пайравони салафия, Ҳизби наҳзати исломӣ, Ҳизби таҳрир ва дигар ташкилотҳои террористӣ низ гӯё аз Ислом дифоъ мекунанд. Аммо дар асл ба хунрезӣ, талаву тороҷи мардум, ба фирқаҳо, ба мусулмону кофир қисмат намудани онҳо машғуланд.***

***Соли равон дар арафаи ҷашнгирии Соли нав дар яке аз мактабҳои таҳсилоти миёнаи шаҳри Қайроққуми вилояти Суғд, ки мактаби русзабон аст, масъулини маориф оростани арчаро манъ карда, муҷиби хира гардидани табъи шогирдону устодони мактаб шуданд. Онҳо дастури Вазорати маорифи Ҷумҳуриро сабаб пеш оварданд, ки "таҷлили Соли нав, оростани арча қатъиян манъ аст". Мо намедонем, ин ҷо "айб дар ош аст ё мош?" Мо нафаҳмидем, ки оростани арча дар мактаб чӣ бадӣ дорад? Агар чунин дастур дар ҳақиқат шуда бошад, пас ташрифи Роҳбарияти мамлакат санаи 29 декабр ба баъзе аз муассисаҳои маорифи пойтахти мамлакат ва шодишарик гардидани онҳо ба хурсандии кӯдаконро чӣ тавр фаҳмидан мумкин аст? Ё масъулини маорифи шаҳри Қайроққум аз рӯи мақоли "салларо биёр гӯянд, калларо оварданд" амал карданд?***

***Охир оростани арча ва шодиву хурсандии кӯдакон ба ҷуз шодмонӣ чизи дигар нест-ку? Ба қавли олими файласуф Абдувоҳид Шамолов "сарфи назар аз он ки Соли нави мелодӣ кай дар кадом шакл ва аз тариқи кадом идеология ва низом ба фарҳанги муосири Тоҷикистон роҳ ёфтааст, вай аллакай ҷузъи фарҳанги хонаводагии ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ гашта, ҳар сол ҷашн гирифтан аз он хаёли одамонро ба давраи туфулият мебарад ва лаҳзае ҳам бошад аз мушкилиҳои рӯзгор ва асабонияти музмини доимӣ дур месозад".***

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ**

# СЕҲРИ БОЗИҲОИ КОМПУТЕРӢ

## Ё ОМИЛҲОИ МАНФИИ ТАЪСИРРАСОНӢ БА ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ КӮДАКОНУ НАВРАСОН

**Кӣ? Чаро? Барои чӣ? Чӣ навъ? Ба чӣ васила? Ва билохира чӣ бояд кард? Ин суолҳоро имрӯз ҳар як фарди ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамарӯза ба худ ва атрофиён медиҳад. Ҳар яки мо ба хотири ояндаи дурахшон ва ҷомеаи солимфикру солимандеша, ки наслҳои оянда, яъне фарзандони мову шумо дар он зиндагӣ хоҳанд кард, бояд андешаронӣ кунем ва ба ин суолҳо ҷавоби амиқ дарёбем, то ин ки аз ҳалли ин мушкилот баромада тавонем.**

**КАМИНА** мехоҳам яке аз масъалаҳои доғи рӯз - майл намудани наврасону ҷавонон ба зӯроварӣ, зуҳуроти бераҳмӣ ва қонуншиканиву беэҳтиромӣ ба атрофиёнро мавриди таҳлил қарор бидиҳам ва баъзе андешаҳои худро ҷиҳати пешгирии ин масоил ба падару модарон, муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва мақомоти мухталиф пешниҳод намоям.

Чанде пеш тариқи оинаи нилгун навореро намоиш доданд, ки дар он зодаи шаҳри Ноябрски Федератсияи Россия Анатолий Землянка шаҳрванди дигари Россия-Магомед Хасиеви 23-соларо ба қатл расонида, тариқи расонаҳои интернетӣ ба мардум муроҷиати таҳдидомез намудааст. Анатолий Землянка аз соли 2013 ба ДИИШ гаравида, ба сафи сарбозони он мепайвандад.

Омӯзгорон ва нафароне, ки ӯро мешинохтанд, мегӯянд, ки "Анатолий гарчанде дониши хуб надошт, вале бисёр оромтабиат буда, бо касе ҷанҷолу хархаша намекард. Агар насаби ғайриоддӣ намедошт, шояд, ки ба ёд оварда ҳам наметавонистем".

Мураббии ӯ дар тими "Байлун" Олег Зиннер низ мегӯяд: "Анатолий бисёр хушмуомила, ботарбия ва оромтабиат буд".

Аз ин ҷо суоле ба миён меояд, чаро ҷавоне, ки ба қавле пашшаро озор намедод, яку якбора қотилиро пешаи худ мекунад? Ба ғайр аз ӯ дигар нафароне низ ҳастанд, ки пеш аз ба ДИИШ пайвастан одобу ахлоқи хуб доштаанд. Бисёриҳо ҳайрон мондаанд, барои чӣ ҷавонони боодоб ҳам ба ин гурӯҳҳои ифротӣ мепайванданд? Шояд онҳоро сеҳр мекарда бошанд?

Барои инро фаҳмидан мо кӯдакӣ ва наврасии онҳоро бояд таҳлил бикунем ва омилҳои таъсиррасониро ба шуури кӯдакону наврасон муайян созем. Барои ман норавшан аст, ки равоншиносони варзидаи мо оид ба ин масоил хомӯш ҳастанд. Мо медонем, ки шахсияти кӯдакону наврасон дар зери таъсироти гуногун, аз ҷумла оила, мактаб, кӯча, радио ва телевизион ташаккул меёбад ва кадом таъсироте манфӣ ё мусбӣ зиёдтар бошад, ҳамон хел шахс ба камол мерасад.



Як таъсироте, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ рӯҳияи кӯдакону наврасони моро ба бераҳмӣ, зӯроварӣ, қонуншиканӣ ва беэҳтиромӣ моил мекунад, ин бозиҳои компютерӣ мебошанд. Кӯдакону наврасони мо баъзан соатҳо дар назди компютер бо бозиҳое машғул мешаванд, ки саропо сифатҳои бадтарини инсониро аз қабили куштор, қонуншиканӣ ва ғайраро ташвиқу тарғиб менамоянд. Мо бошем, даст меафшонем, ки "Кӯдак аст, бигузор бозӣ кунад". Ҳамзамон боре андеша кардаем, ки оё рӯҳи равони нафаре, ки аз кӯдакӣ тариқи компутер ба куштор машғул мешавад чӣ гуна инкишоф меёбад? Магар ин бозиҳо мактаби зӯровариву бераҳмӣ ва қонуншиканӣ нестанд? Магар худи мо тавассути ин бозиҳои бо ном "шавқовар" фарзандонамонро барои гаравидан ба гурӯҳҳои ифротӣ омода намесозем? Магар сабабгори паст рафтани одобу ахлоқ дар байни наврасону ҷавонон маҳз ҳамин гуна бозиҳо нестанд?

Омили дигар ин филмҳои ба қавле "Боевик" мебошад, ки низ ба ташаккули шахсияти кӯдакону наврасон бетаъсир буда наметавонад. Худ қазоват кунед, ки кӯдаки дар зери ин таъсирот ба воя расида, бераҳм шуда, рӯҳан носолим мешавад. Чунинҳо ба мисли "Зомби" дар ҳолати мувофиқ бо ҳар ки бошад мепайванданд то ин ки ба мисли он бозиҳои компутерӣ ғизои худро бигиранд. Чунки талаботи онҳо зиёд шуда, аллакай дар доираи компутер намеғунҷад. Ин нафаронро вақте ки тариқи сомонаи интернетӣ ба ҷангу куштор даъват мекунанд, беихтиёр ба мисли сеҳршудагон падару модар, ватан ва дигар муқаддасотро фаромӯш карда, бо ифротиён мепайванданд. То ин ки он «дарс»-еро, ки тариқи бозиҳои компутерӣ гирифтаанд, дар дар амал иҷро кунанд . Агар ин хел давом кунад ояндаи ҷавонон ва ҷомеа чӣ мешуда бошад? Он ахлоқу одоби ҳамида, ки тоҷиконро ҳазорсолаҳо дар тамоми дунё маъруфу машҳур карда буд, оё аз даст намеравад?

**Абдуқаххори ҚОСИМ,**
*мудири Бахши Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар шаҳри Турсунзода, узви ҲХДТ*



# ТАФАККУР

*Дар ҷомеаи муосири мо сарфи назар аз имконоти васеи техникӣ ва мавҷудияти китобхонаҳои замонавӣ аз ҷониби ахли ҷомеа китобхонӣ ва фаро гирифтани илмҳо ба маротиб коҳиш ёфта, фикру андеша дар бораи масъалаҳои муҳими олами ҳастӣ ва ашёву зуҳуроти он нолозиму ғайри қабул шудааст. Ҳар кас ба падидаҳои ин олам аз дариҷаи ҷаҳонбинии хеш менигарад, ки ин дариҷа аз сабаби маҳдудияти фикру андеша ба сӯрохии хонаи мӯре табдил ёфтааст.*

Ин гурӯҳ одамон бо он андак донише, ки дар мактаб ва ё донишгоҳ баҳравар шудаанд, аз аспи ғурур поин наомада, худро ҳамадону андешаманд мешуморад. Ба ибораи дигар инсони муосир ба мисли мӯрчае шудааст, ки дар гӯшаи қасре сӯрохие дорад ва ба ҷуз аз он сӯрохӣ ва ғизои хешу ёрони худ аз ҳаёти ин қасри бошукӯҳ, ки ҳастӣ ном дорад, ҳеҷ чизе хабар надорад.

Ҷои таассуф аст, ки инсон бо доштани чунин ақлу чунин мақом дар низоми офариниш ба андозаи мӯре хурд шавад ва аз мавҷудияти ин ҷои худ қаноатманд бошад. Ҷои баҳс нест агар хоҳӣ, ки ба дараҷаи мӯрчае қаноат кунӣ, мушкилие надорад, аммо ба инсон



роҳхат додаанд, ки дар бӯстони олами ҳастӣ ва маърифати ҳақ тамошо намояд, андеша ронад, тафаккур кунад, илму дониш ба даст орад. Аз ин рӯ, зарур аст ва рисолати инсон аст, ки аз он ошёнаи мӯр берун омада, чашм боз кунад, то аҷоиботеро, ки дар ин олам мебинад, ки аз онҳо мадҳушу бехуд ва ҳайрон шавад.

Агар ба таърихи афкори гузаштаи хеш назари гузарое афканем, дарёфт хоҳем намуд, ки мақоми тафаккуру назар ва андеша дар осори ҳакимон эътибори хеле бузург доштааст. Бесабаб нест, ки муаллимони ахлоқ фармудаанд, ки "*яксоата тафаккур беҳтар аз яксола ибодат аст*".

Воқеан ҳам коре, ки як соат аз он аз соле ибодат беҳтару фозилтар бошад, дараҷаи он дар кушоиши асрори офариниш хеле бузург аст. Аз ин рӯ зарур аст, ки ҳар як инсони хештаншинос бояд фазли тафаккурро шиносад, ҳақиқату чигунагии вайро донад ва самараи онро пазиро бошад. Чунки агар ба олами ҳастӣ ва падидаҳои ҳазоррангу ҳазорбӯи кайҳони бепоёну зарраҷоти беинтиҳои он нигарад, зуҳуроти аҷоибтареро хоҳад дарёфт, ки ҳикмати онҳоро танҳо хирадмандон метавонанд дарк кунанд ва моҳияти онҳоро шарҳ диҳанд.

Сухани инсон ҳамеша бояд зикр ва хомӯшии вай ҳама фикр буда, назараш ибрат бошад. Дар робита ба ин инсон ҳар китоберо, ки мехонад, бояд пиромуни хондаи хеш андеша кунад, зеро самараи тафаккур ҳикмат асту зиндагии дилхоҳ.

## ҲАҚИҚАТИ ТАФАККУР

Аслан маънои тафаккур талаби илм аст, зеро ҳар илмеро, ки инсон намедонад ва онро мехоҳад аз худ кунад, бояд ҳамеша дар талабаш бошад. Инсон дар натиҷаи ҷамъ овардани донишҳо ба маърифати бисёр чизҳое, ки барояш нофаҳму ноаён буд, дастёб мегардад. Маърифату дониши аввалӣ боиси ковишу маърифатҳои пайдарҳами дигар шуда, сабаби афзоиши илму дониши инсон хоҳад гашт. Ҳар касе, ки бо бедорхобиҳову худгузариҳо аз ин роҳ илмҳоро ҳосил карда натавонист, ба ҳикмати ботинӣ ва асли илм роҳ намеёбад. Ин гуна ковишгар инсонеро мемонад, ки аслан сармоя надорад ва намедонад чӣ тавр тиҷорат кунад. Ҳамин аст, ки бузургони доно ҳамеша таъкид мекарданд, ки "*ҳақиқати ҳамаи тафаккурҳо талаби илм аст*".

Агар ба асли офариниши инсон назар афканем,дарёфт хоҳем кард, ки вай дар зулмату ҷаҳл офарида шудааст ва ба нуре ҳоҷат дорад, ки аз он зулмат берун ояд, амалу зиндагӣ ва роҳи ояндаи хешро шиносад. Инсон инро танҳо бо нури маърифат метавонад ба даст орад, ки он нур аз тафаккур зуҳур хоҳад намуд ва ҳикмати "*Худо офаридагонро дар торикӣ офарид, сипас ба онҳо аз нури худ пошид*", ҳамин маъниро дорад.

Агар касе дар торикӣ оҷиз бошад ва роҳро надонад, сангро бар оҳан мезанад, то аз вай нури оташ падид ояду чароғ равшан шавад. Аз баракати рӯшноии чароғ инсон роҳро аз бероҳӣ фарқ хоҳад кард. Илм ба даст овардан низ ба мисли ҳамин аст. Барои соҳиби илм шудан бояд сараввал маърифат кард, то дониши дуввум, ба мисли сангу оҳан ба вуҷуд ояд. Натиҷаи тафаккур задани санг ба оҳан буда, маърифат он нуре аст, ки аз задани санг ба оҳан падид меояд. Бузургон гуфтаанд: "*Тафаккур барои се чиз аст: маърифатӣ, ҳолатӣ ва амалӣ. Амал табаъи ҳолат, ҳолат табаъи маърифат ва маърифат табаъи тафаккур аст*". Ба ибораи дигар тафаккур асл ва калиди ҳамаи хайрот мебошад.

Мақому майдони фикр ва илм бениҳоят мебошад ва инсон дар ин корзор ҳамчун ошиқе аст, ки андешаи вай ба маъшуқ равона шудааст. лекин агар равона нашуда бошад ишқи вай ноқис аст. Пас андешаи вай дар ҷамоли маъшуқу ҳусну сурати вай, ё ин ки дар ботину ахлоқи ӯ мебошад.

Барои инсони фозил шудан тафаккур ва андеша пиромуни ахлоқ бояд дар мадди аввал бошад, зеро зарур аст инсон амалҳои бади худро донista, хештанро аз онҳо пок созад. Дар робита ба ин ба ҳар як инсони нексиришт ва хештаншинос ногузир аст ҳар рӯз бомдод соате дар атрофи масъалаҳои таҳзиби ахлоқи худ фикр кунад ва андеша намояд. Аз забон андеша кунад, ки дар ин рӯз ба сухан мубтало хоҳад шуд. Тадбири он андешад, ки шояд дар ғайбати дурӯғ гирифтор шавад ва аз онҳо чи гуна ҳазар кунад. Аз ахлоқи бад биандешад, то дар ботини ӯ бухлу кибру риё, ҳасаду хашм ва дӯстии молу ҷоҳ намонад. Рӯй биорад бар пушаймонӣ, бар гуноҳ, сабр бар бало, ризо бар қазо, шукр бар неъмат, хулқи накӯ бо халқ.

**А. АРДАШЕР**



Варзиш

# МЕССИ БОРИ ПАНҶУМ СОҲИБИ "ТӮБИ ТИЛЛОӢ" ШУД

**Ситораи футболи Аргентина ва клуби "Барселона"-и Испания Лионел Месси бори панҷум ҷоизаи "Тӯби тиллоӣ"- арзишмандтарин ҷоизаи ҷаҳонии футболро соҳиб шуд.**



Маросими тақдими ин ҷоиза шоми 11 январ дар қароргоҳи Федератсияи ҷаҳонии футбол (ФИФА) дар шаҳри Сюрихи Швейтсария баргузор шуд.

Бар асоси муқаррароти ФИФА, ҷоизаи "Тӯби тиллоӣ" ба футболбозе дода мешавад, ки раъйи бештари мураббиёну капитани дастаҳои мунтахаби ҷаҳон ва хабарнигоронро ба даст овардааст.

Ин бори панҷум аст, ки "Тӯби тиллоӣ" насиби Лионел Месси мегардад. Барои дарёфти ин ҷоиза Криштану Роналдо, ҳамлагари дастаи "Реал"-и Мадрид ва дастаи мунтахаби Португалия ва Неймар, ҳамлагари дастаи "Барселона" ва дастаи мунтахаби Бразилия рақибони аслии Месси буданд.

Соли 2013 Лионел Месси чорумин "Тӯби тиллоӣ"-ро аз они худ кард ва дар таърихи футбол ҳамчун футболбозе шинохта шуд, ки пайи ҳам чор сол футболбози беҳтарини ҷаҳон эътироф шудааст.

Тибқи гузориши Маркази байналмилалии таҳқиқоти варзишӣ -CIES, Лионел Месси аз гаронбаҳотарин футболбози ҷаҳон аст, ки гуфта мешавад қимати ӯ 220 миллион евроро ташкил медиҳад.

Ёдовар мешавем, ки моҳи охири соли гузашта хабарнигорони варзишии 54 кишвари аврупоии узви Федератсияи Футболи Аврупо-(УЕФА) Лионел Месиро футболбози беҳтарини Аврупо дар соли 2015 эътироф карда буданд.

**И.ТОҲИР**

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Дипломи силсилаи ДКА л0003124, ки Омӯзишгоҳи омӯзгории (ҳоло Коллеҷи омӯзгорӣ) шаҳри Панҷакент ба номи Лоиқ Шералӣ соли 2014 ба Аббосова Наргис Рустамовна додааст, эътибор надорад.

**Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба ректори Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат Қодиров Диловар Баҳриддинович нисбати даргузашти**

**ПАДАРАШ**

**изҳори ҳамдардӣ намуда, барояш сабри ҷамил мехоҳанд.**

**Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба раиси ташкилоти ибтидоии ҲХДТ "Марҳабо" Муминов Маҳмадраҳим нисбати даргузашти**

**МОДАРАШ**

**изҳори ҳамдардӣ намуда, барояш сабри ҷамил мехоҳанд.**

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ
Сармуҳаррир
Бахтиёр ҲАМДАМОВ

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

БАРОИ МАЪЛУМОТ:
Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
Идораи рӯзнома *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
www.hamsafon.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ҳуринисо Ализода, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчин: Ҷамила Аҳмадова
Мусаҳҳеҳ: Собоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

НИШОНИИ МО:
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*
Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».
Теъдоди нашр: 51173 нусха
Навбатдор: А.ДӮСТОВ

